Лоиҳа

Низомномаи
вазифавии ҳайати роҳбарикунанда ва омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи вазифавии ҳайати роҳбарикунанда ва омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд –Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

2. Низомномаи мазкур ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва вазифаҳои хидматии ҳайати роҳбарикунанда ва омӯзгории муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар ва танзим менамояд.

## Низомномаи
## вазифавии ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии хусусӣ аз тарафи муассис(-он) ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2. Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани ректор, ваколатҳои мақомоти иҷроияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тартиби қабули қарор ва намояндагӣ намудан аз номи муассисаро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбии дахлдор муайян мекунад.

3. Ба вазифаи ректор шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5-солаи педагогӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

4. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ мемонад.

5. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии иловагӣ,

танзимкунандаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, хоҷагидорӣ ва молиявию иқтисодии муассисаи таълимӣ; самтҳои афзалиятноки рушди низоми маориф ва фаъолияти таълимию илмӣ ва молиявию хоҷагидорӣ; назария ва усулҳои идораи низоми таҳсилот; санадҳои меъёрию методии марбут ба тайёр кардани мутахассисони таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии иловагӣ; комёбиҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ; қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

6. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони раёсат ва сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

7. Ректор барои татбиқи барномаҳои таълимӣ дар мутобиқат бо нақшаи таълимӣ ва ҷадвали раванди таълим, сифати тайёр намудани мутахассисон, ҳаёт ва тандурустӣ, риояи ҳуқуқҳо ва озодии ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён тибқи муқарраротe, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, масъул буда, дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои маснабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён , ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8. Ректор раиси Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

9. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар доираи уҳдадориҳои худ:

9.1. Бевосита ба корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инчунин тайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони илмию педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ роҳбарӣ менамояд.

9.2. Фаъолияти Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбиро тибқи санадҳои меъёрии амалкунанда ба роҳ монда, роҳбарии онро ба зимма мегирад.

9.3. Ба Шӯрои олимон номзадии муовинони ректорро пешниҳод менамояд.

9.4. Тибқи тартиботи муқарраргашта ҳайати омӯзгорон ва кормандонро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

9.5. Қоидаҳои тартиботи дохила ва зист дар хобгоҳ, низомномаҳо оид ба фаъолияти факултетҳо, кафедраҳо, дигар сохторҳои ёрирасони таълимӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, бо стипендия таъмин намудан, аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯён, карори комиссияи қабул ва факултетҳо дар хусуси кабул ва хориҷ намудани донишҷӯён ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаи таҳсилоти олии касбиро тасдиқ мекунад.

9.6. Доир ба ҳифз ва таҳкими интизоми меҳнат, риояи қоидаҳои реҷаи санитарию гигиенӣ, ҳавасманд кардани ҳайати омӯзгорон ва кормандон, таҳкими пояи моддию техникӣ ва баланд бардоштани музди меҳнати омӯзгорон ва кормандон тадбирҳо меандешад.

9.7. Тавассути идораҳои марбута нақшаҳои дурнамои таълимию тарбиявӣ ва илмию таҳқиқотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва дигар сохторҳои тобеи худро тарҳрезӣ карда, иҷрои онро назорат намояд ва ба мақомоти болоӣ ҳисобот медиҳад.

9.8. Фаъолияти тамоми раёсат, идора, шуъба ва дигар сохторҳои тобеи худро назорат ва роҳбарӣ менамояд.

9.9. Ҷиҳати муҳайё намудани фазои ахлоқию психологӣ дар байни кормандон тадбирҳо андешида, ба корҳои сиёсию тарбиявӣ, таҳияи нақшаҳои солона ва дурнамои рушдёбанда роҳбарӣ менамояд.

9.10. Ҷиҳати ҳали оқилонаи масъалаҳои кадрӣ, пурра кардани воҳидҳои корӣ тадбирҳо меандешад ва уҳдадориҳои вазифавиро дар байни муовинони ректор, роҳбарони раёсат, идора, шуъба ва дигар сохторҳои тобеи худ тақсим менамояд.

9.11. Муассисаи таҳсилоти олии касбиро дар назди мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бевосита муаррифӣ менамояд ва дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар гуна созишномаҳо ба тасвиб мерасонад.

9.12. Барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусии омӯзгорӣ, илмӣ ва методии кормандон, ташкили конфренсияҳо, семинарҳои илмӣ ва ғайра тадбирҳо меандешад.

9.13. Риояи талаботи қонунгузорӣ, оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқиро таъмин менамояд.

9.14. Истифодаи маблағҳои буҷет ва ғайрибуҷетии муассисаи таълимиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, Оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа ва иҷрои шартҳои фаъолияти таълимии муассисаро, ки дар иҷозатнома пешбинӣ шудааст, таъмин менамояд.

9.15. Пардохти саривақтии музди маош, маоши иловагӣ ва намудҳои дигарро ба ҳайати омӯзгорон ва кормандон, стипендия ва пардохтҳои дигарро ба донишҷӯёни муассисаи таълимӣ таъмин менамояд.

9.16. Ҷиҳати бо кормандони илмию педагогии соҳибкасб, ҳайати муҳандисию техникӣ ва таълимию ёрирасон таъмин намудани муассиса тадбирҳо меандешад.

9.17. Молу мулки муассисаи таълимӣ ва дигарро, ки барои истифода ба ихтиёри муассиса вуогузор шудааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун оқилона идора менамояд.

9.18. Ҷиҳати ба тасвиб расонидани шартномаҳо оид ба иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлат мувофиқи барномаҳои давлатӣ ва уҳдадориҳори муассисаи таълимӣ чораҷӯӣ менамояд.

9.19. Сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони муассиса ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

9.20. Таъмини ҳифзи меҳнати кормандон ва донишҷӯёни муассисаи таълимиро назорат менамояд.

9.21. Ҳамасола тибқи тартиботи муқаррарнамудаи муассисаи таълимӣ оид ба фаъолияти худ ҳисобот манзур месозад.

9.22. Ҳангоми иҷрои амалиёти молиявию хоҷагидорӣ муқарраროти қонунгузориро риоя менамояд.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои
## ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

10.1. Вобаста ба ҳамаи масъалаҳои марбут ба роҳбарии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи муассисаи таълимӣ ба салоҳияти ӯ вогузор шудааст, мустақилона қарор қабул менамояд.

10.2. Аз номи муассисаи таълимӣ амал карда, манфиатҳои онро ҳифз менамояд ва аз номи муассиса шартномаҳо ба тасвиб мерасонад.

10.3.Ҷадвали воҳидҳои кори муассисати таълимиро тасдиқ менамояд, бо кормандони муассисаи таълимӣ шартномаи дуҷониба ба имзо мерасонад ва бекор мекунад.

10.4. Аз роҳбарони тамоми раёсат, идора, шуъба, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида иттилоот ва асноди зарурӣ дархост намуда, дар баробари ин, ба роҳбарони тамоми раёсат, идора, шуъба, сохторҳои тобеи худ ва мутахассисони алоҳида амру фармоиш медиҳад.

10.5. Кормандони муассисаро ҳавасманд ва аз онҳо иҷрои қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва шартҳои шартномаи меҳнатиро талаб намуда, нисбат ба кормандоне, ки уҳдадориҳои вазифавии худро ба иҷро нарасондаанд ё ба таври зарурӣ татбиқ накардаанд, чораҳои муҷозотӣ меандешад.

10.6. Фармоишҳо (амр, қарорҳо)-и муовинони худ, деканҳои факултетҳо ва дигар роҳбаронро, ки дар қисматҳои сохтори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият мекунанд, бекор мекунад.

10.7. Баъзе ваколатҳои худро ба уҳдаи муовинон вогузор менамояд.

**Низомномаи**

**вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба таълим бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2. Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои таълим шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5-солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

3. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба таълим дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4. Муовини ректор оид ба таълим аъзои Шӯрои олимон ва раиси Шӯрои илмию методии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

5. Муовини ректор оид ба таълим бояд қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии иловагӣ, танзимкунандаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, хоҷагидорӣ ва молиявию иқтисодии муассисаи таълимӣ; самтҳои афзалиятноки рушди низоми маориф ва фаъолияти таълимию илмӣ; назария ва усулҳои идораи низоми таҳсилот; санадҳои меъёрию методии марбут ба тайёр кардани мутахассисони таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии иловагӣ; комёбиҳои илмӣ ва таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ; қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

7. Муовини ректор оид ба таълим сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

8. Муовини ректор оид ба таълим барои иҷро накардани вазифаҳои хидматие, ки дар ӯҳдааш мебошад, татбиқи барномаҳои таълимӣ, ҷадвали раванди таълим, сифати тайёр намудани мутахассисон, ҳаёт ва тандурустӣ, риояи ҳуқуқҳо ва озодии ҳайати омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён тибқи муқарраროте, ки қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, масъул буда, дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои маснабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

9. Ҳангоми набудани ректор вазифаҳои ӯро бо тартиби муқарраршуда, ба иҷро мерасонад.

## 2. Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба таълим

10. Муовини ректор оид ба таълим дар доираи уҳдадориҳои худ:

10.1. Раванди таълимро дар муассисаи таълимӣ роҳбарӣ ва ҳадафу стратегияи рушди ин равандро муайян менамояд.

10.2. Раванди фаъолияти меҳнатӣ ва ҳамкориҳои сохторҳои тобеи муассисаи таълимиро ташкил намуда, оид ба таъмини онҳо бо мутахассисони касбӣ, таъсиси пойгоҳи моддию техникӣ бо назардошти комёбиҳо дар самти рушди таҳсилоти олии касбӣ, истифодаи техника ва технологияи замонавӣ дар раванди таълим, татбиқи таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои моддию техникӣ чораҳои зарурӣ меандешад.

10.3. Иҷрои уҳдадориҳои вобаста ба раванди таълими муассисаи таълимиро дар назди буҷети давлат таъмин менамояд.

10.4. Иҷрои шартномаи меҳнатӣ ва риояи интизоми меҳнатро аз ҷониби сохторҳои тобеи муассисаи таълимӣ таъмин карда, ҷиҳати рушди ҳавасмандсозии меҳнатӣ, ташаббускорӣ ва фаъолнокии кормандон мусоидат менамояд.

10.5. Масъалаҳои вобаста ба фаъолияти молиявӣ, иқтисодӣ, хоҷагидорию истеҳсолӣ ва дигар намуди фаъолиятҳои муассисаи таълимиро, ки дар доираи салоҳиятҳои ӯ мебошад, ҳал менамояд.

10.6. Дар ташкили сохтор ва ҷадвали воҳидҳои кори муассисаи таълимӣ иштирок менамояд.

10.7. Фаъолияти қисми таълим, ташкил ва раванди корҳои таълимӣ ва таълимию методӣ, таҳия ва татбиқи нақша ва барномаҳои таълимии факултет ва кафедраҳо, ҳамзамон тақсимоти муносиби сарбории таълимии ҳайати омӯзгорон, иҷрои ҷадвали раванди таълим ва ҳисоби фонди соатбайи муассисаи таълимиро назорат менамояд.

10.8. Доир ба масъалаҳои мухталифи марбути муассисаи таълимӣ конференсия ва семинарҳои таълимию методӣ ташкил менамояд.

10.9. Дар омода намудан ва гузаронидани аттестатсияи ҳайати омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ саҳм мегузорад.

10.10. Таҳия ва тасвиби саривақтии фармоишҳоро оид ба тасдиқи ҳайати комиссияи имтиҳонот ва аттестатсияи давлатӣ таъмин ва доир ба ташкил ва гузаронидани сессияҳои имтиҳонӣ, аттестатсияи ниҳоии давлатӣ ва ҳимояи лоиҳаҳои дипломӣ тадбирҳо меандешад.

10.11.Такмили ихтисоси ҳайати омӯзгоронро таъмин менамояд.

10.12. Таҳия ва пешниҳоди саривақтии ҳисобот оид ба раванди таълимро таъмин менамояд.

10.13. Масъалаи пешниҳоди донишҷӯёнро ҷиҳати гирифтани стипендияҳои номӣ роҳбарӣ менамояд.

10.14. Фаъолияти қисмҳои таълимию методӣ, иттилоотию таҳлилӣ, воситаҳои техникии таълим, тайёрӣ, қисматҳои сохтории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин майдончаи таълими ҳарбӣ, озмоишхонаҳои таълимиро назорат менамояд.

10.15. Сифати ҷараёни таълиму тарбия, таҷрибаомӯзиҳо ва баҳои воқеии натиҷаҳои донишандӯзии донишҷӯёнро назорат менамояд.

10.16. Доир ба истифодаи самарабахши пойгоҳи моддию техникӣ чораҳо андешида, таҷдид ва пуррагардонии мунтазами онро таъмин менамояд.

10.17. Риояи Қоидаҳои тартиботи меҳнати дохилӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарии сӯхторро назорат менамояд.

10.18. Ҷиҳати таълифи китобҳои дарсӣ, илмӣ-методӣ ва ғайра нақша таҳия карда, иҷрои онро назорат менамояд.

10.19. Оид ба иҷрои амру фармоишҳо ва нишондодҳои ташкилотҳои болоӣ, қарорҳои Шӯрои олимон ва раёсат, ки марбути масъалаҳои таълимию методӣ мебошанд, санҷиш мегузаронад.

10.20. Масъалаҳои интиқолу барқарор, хориҷ, пешниҳод барои гирифтани стипендияро дар якҷоягӣ бо садорати факултетҳо баррасӣ мекунад.

10.21. Ҷиҳати ба раванди таълим ворид намудани фанҳои таълимии нав, ки дар тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнат зарур аст, тадбирҳо меандешад.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба таълим

11. Муовини ректор оид ба таълим дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

11.1. Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баромад ва онро муаррифӣ мекунад.

11.2. Оид ба беҳтар намудани сифати таълим ба ректори муассисаи таълимӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.

11.3. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии раёсат иштирок мекунад.

11.4. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

11.5. Ба баррасии шӯрои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод менамояд.

11.6. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгирӣ мепурсад.

11.7. Дар доираи салоҳияти худ ба роҳбарони қисмҳои сохторӣ, ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

11.8. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳо иштирок мекунад.

11.9. Барои иҷрои ӯҳдадориҳои касбӣ, аз ҷумла додани таҷҳизоти зарурӣ, асбобу анҷом, ҷойи кори мувофиқ ба қоида ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ шароити мусоид талаб менамояд.

11.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

11.11. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

## Низомномаи вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тарбия

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

### 1.Муқаррароти умумӣ

1. Кори тарбиявӣ бо донишҷӯён, ки онро муовини ректор оид ба тарбия сарварӣ менамояд, аз роҳбарии бевосита ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ иборат мебошад. Қисм ва ташкилотҳои мазкур дар самти ташкили корҳои тарбиявӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва назорати муҳити донишҷӯён фаъолият менамоянд.

2. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба тарбия бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

3. Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои тарбия шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5-солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

4. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба тарбия дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи

таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

5. Муовини ректор оид ба тарбия аъзои Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ мебошад.

6. Муовини ректор оид ба тарбия бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳнамо ва методии танзимкунандаи масъалаҳои рушди низоми маориф, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ташкили раванди таълиму тарбия, тартиби барасмиятдарорӣ, пешбурд ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои марбут ба корҳои тарбиявӣ, тартиби таҳияи ҳисобот, технологияҳои ҳозиразамон дар самти тарбия, кодекси меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

7. Муовини ректор оид ба корҳои тарбия сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

8. Муовини ректор оид ба корҳои тарбия дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои маснабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

9. Муовини ректор оид ба корҳои тарбия дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба корҳои тарбия

10. Муовини ректор оид ба корҳои тарбия дар доираи уҳдадориҳои худ:

10.1. Банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро дар самти корҳои тарбиявӣ роҳбарӣ менамояд.

10.2. Ҳамкориҳои раёсат ва сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро дар самти корҳои тарбиявӣ ҳамоҳанг месозад.

10.3. Роҳу воситаҳои татбиқи корҳои тарбиявиро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад.

10.4. Самтҳои афзалиятноки корҳо, макони фароғатии ҷавононро дар низоми таълим ва тарбияи мутахассисон муайян сохта, барои муҳайё намудани шароити мусоиди тарбиявӣ, маънавию ахлоқӣ, иттилоотӣ ва фароғату истироҳати донишҷӯён мусоидат мекунад.

10.5. Кори Шӯрои кураторонро ташкил карда, ба он роҳбарӣ менамояд.

10.6. Ба кори кафедраҳои ҷамъиятӣ доир ба корҳои фарҳангию тарбиявии донишҷӯён роҳбарӣ намуда, онҳоро ҳамоҳанг месозад.

10.7. Ба кори муовинони деканҳо доир ба корҳои тарбия, кураторон роҳбарӣ намуда, дар хобгоҳҳо раванди тарбияро назорат менамояд.

10.8. Дар якҷоягӣ бо қисмати маъмуриву хоҷагидорӣ дар хобгоҳ ва қисматҳои махсуси ҷудогонаи муассисаи таълимӣ (дармонгоҳ, осоишгоҳ ва ғ.) ҷиҳати беҳтар намудани шароити иҷтимоиву маишӣ, истироҳату табобати донишҷӯён тадбирҳо меандешад.

10.9. Бо хадамоти иҷтимоиву коммуналии шаҳр ва дигар корхонаҳои хурду муштарак, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар муассисаҳо робитаҳои корӣ барқарор менамояд.

10.10. Ба донишҷӯёни ятим, маъюб ва бепарастор сарпарастӣ карда, ба онҳо расондани кӯмакро ба уҳда мегирад.

10.11. Ба кормандони фарҳанг ва санъат ҷиҳати ташкили намоишҳои фарҳангию фароғатӣ робита барқарор менамояд.

10.12. Ба низоми худидоракунии донишҷӯён тақвият бахшида, бо Шӯрои донишҷӯёну аспирантон ва дигар иттиҳодияҳои донишҷӯӣ ҳамкорӣ мекунад ва бо иттифоқи касабаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ масъалаҳои иҷтимоии донишҷӯён ва аспирантонро ҳал менамояд.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид корҳои тарбия

11. Муовини ректор оид корҳои тарбиядар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

11.1. Аз номи муассисаи таълимӣ баромад намуда, муассисаи таълимиро вобаста ба масоили тарбиявӣ муаррифӣ мекунад.

11.2. Ба баррасии раёсати муассисаи таълимӣ вобаста ба беҳтар гаштани фаъолияти муассисаи таълимӣ, аз ҷумла доир ба такмили усулҳои муосири фаъолияти тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва сохторҳои тобеи он таклифу пешниҳодҳо менамояд.

11.3. Бо роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳамкориҳои дуҷониба роҳандозӣ карда, барои иҷрои вазифаҳои хидматии худ ҳуҷҷат ва маводи зарурӣ дастрас менамояд.

11.4. Барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ аз ректори муассисаи таълимӣ мусоидат мепурсад.

11.5. Фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро доир ба ташкили корҳои фарҳангию тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ назорат менамояд.

11.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

11.7. Ба баррасии шӯрои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои тарбиявӣ пешниҳод менамояд.

11.8. Дар доираи салоҳияти худ ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

11.9. Барои иҷрои уҳдадориҳои касбӣ, аз ҷумла додани таҷҳизоти зарурӣ, асбобу анҷом, ҷойи кори мувофиқ ба қоида ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ шароити мусоид талаб менамояд.

11.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

11.11. Чорабиниҳои идонаро бахшида ба санаҳои муҳими таърихии ҷумҳурӣ тибқи қонунгузории амалкунанда ташкил ва баргузор намояд.

11.12. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

**Низомномаи**

**вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робитаҳои байналмилалӣ**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ӯ дар назди ректор масъули амалӣ сохтани робитаҳои байналмилалӣ ва танзими раванди таълиму тарбияи шаҳрвандони хориҷии дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳсилкунанда мебошад.

2. Ба вазифаи муовини ректор оид ба робитаҳоли байналмилалӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5-солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм буда, як ва ё якчанд забонҳои хориҷиро донад.

3. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ аъзои Шӯрои олимон мебошад.

5. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла танзимкунандаи фаъолияти байналмилалӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳнамо ва методии танзимкунандаи масъалаҳои рушди низоми маориф, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ дар самти қабули шаҳрвандони хориҷӣ ва фиристодани донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар, ташкили раванди таълиму тарбия, тартиби барасмиятдарорӣ, пешбурд ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои марбут ба муносибатҳои байналмилалӣ, технологияҳои ҳозиразамон дар самти таълим, кодекси меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

6. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

7. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасонидани уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои маснабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар самти фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ

9. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ вобаста ба уҳдадориҳои вазифавии худ:

9.1. Ба фаъолияти соҳа роҳбарӣ ва иҷрои вазифаҳои хидматии кормандонро назорат менамояд.

9.2. Нақшаҳои дурнамо ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии муассисаи таълимиро ба танзим медарорад.

9.3. Ба тарҳрезии фаъолияти байналмилалӣ ва таҳияи нақшаву шартномаҳо оид ба ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва созмонҳои хориҷӣ роҳбарӣ менамояд.

9.4. Лоиҳаҳои созишномаҳои ҳамкории муассисаи таълимиро бо муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ таҳия месозад.

9.5. Ҷиҳати ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони муассисаи таълимӣ дар хориҷи кишвар тадбирҳо меандешад.

9.6. Корҳои факултет ва кафедраҳоро вобаста ба роҳандозии ҳамкориҳои байналмилалӣ ва робитаҳои хориҷӣ ҳамоҳанг ва мувофиқа месозад.

9.7. Шартномаҳои дарозмуҳлат ва дигари ҳамкориро бо шарикони хориҷӣ ташкил ва мувофиқа намуда, ба тасвиб мерасонад.

9.8. Иҷрои нақшаву барнома ва шартномаҳоро оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ назорат карда, натиҷаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва робитаҳои хориҷиро пайгирӣ ва хароҷоти заруриро барои таъмини робитаҳои хориҷии муассисаи таълимӣ дар асоси шартномаҳо ва нақшаву барномаҳо пешбинӣ менамояд.

9.9. Вобаста ба масоили фаъолияти байналмилалӣ ва робитаҳои хориҷии муассисаи таълимӣ ҳисобот омода намуда, ба раёсат ва шӯрои олимони муассисаи таълимӣ ҷиҳати рушду такмили фаъолияти соҳа таклифу пешниҳодҳо манзур месозад.

9.10. Оид ба шаклу усули фаъолияти байналмилалии муассисаи таълимӣ, фонд ва созмонҳое, ки барои фаъолияти байналмилалӣ грантҳо ҷудо мекунанд, ҳамзамон ба ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаи таълимӣ вобаста ба масъалаи таҳия ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ҷиҳати ба даст овардани гарнтҳо, стипендияҳо ва таҷрибаомӯзии фондҳо, созмонҳо ва барномаҳои байналмилалӣ ёрии методӣ мерасонад.

9.11. Вазифаҳои протоколиро анҷом медиҳад: қабули ҳайати намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷиро мувофиқи тартиботи муқарраргардида ташкил менамояд; бо шарикони воқеӣ ва эҳтимолии хориҷӣ робита барқарор намуда, ба тасвиб расонидани протокол ва шартномаҳоро оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ таъмин менамояд.

9.12. Тарғибу ташвиқи фаъолияти байналмилалии муассисаи таълимиро дар васоити ахбори омма, шабакаи интернет ва расонаҳои дигар ташкил ва роҳандозӣ менамояд.

9.13. Дар ташкилотҳои гуногун оид ба масъалаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва корҳои таълиму тарбияи донишҷуёни хориҷӣ муассисаи таълимиро намояндагӣ мекунад.

9.14. Дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор иштироки ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёнро дар барномаҳои конкурсӣ, конференсияҳо, семинарҳо ва симпозиумҳои ташкилотҳои байналмилалӣ таъмин менамояд.

## 11.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ

10. Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

10.1. Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба робитаҳои байналмилалӣ дар ташкилотҳои дохилӣ ва хориҷи кишвар баромад ва онро муаррифӣ мекунад.

10.2. Оид ба беҳтар намудани таълиму тарбия, сифати таълим ва вазъи маишии донишҷӯёни хориҷӣ ба ректори муассисаи таълимӣ таклифҳо пешниҳод намояд.

10.3. Бо роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳамкориҳои дуҷониба роҳандозӣ карда, барои иҷрои вазифаҳои хидматии худ ҳуҷҷат ва маводи зарурӣ дастрас менамояд.

10.4. Барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ аз ректори муассисаи таълимӣ мусоидат мепурсад.

10.5. Фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро доир ба ташкили ҳамкориҳори байналмилалӣ  назорат менамояд.

10.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

10.7. Ба баррасии шӯрои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ пешниҳод менамояд.

10.8. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгирӣ мепурсад.

10.9. Дар доираи салоҳияти худ ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

10.10. Барои иҷрои уҳдадориҳои касбӣ, аз ҷумла додани таҷҳизоти зарурӣ, асбобу анҷом, ҷойи кори мувофиқ ба қоида ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ шароити мусоид талаб менамояд.

10.11. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

10.12. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

**Низомномаи**
**вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти**
**олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои илмӣ**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои илмӣ бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ӯ дар назди ректор масъули амалӣ сохтани нақша ва корҳои илмию таҳқиқотӣ мебошад.

2. Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои илмӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5-солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

3. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои илмӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4. Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ аъзои Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ мебошад.

5. Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳнамо ва методии танзимкунандаи масъалаҳои рушди низоми маориф, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ташкили раванди таълиму тарбия, технологияҳои ҳозиразамон дар самти корҳои илмию таҳқиқотӣ, кодекси меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

6. Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

7. Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасониданi уҳдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои маснабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки сирри хидматӣ ва

тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

8. Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба корҳои илмӣ

9. Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ дар доираи уҳдадориҳои худ:

9.1. Нақшаҳои дурнамо ва густариши ҳамкориҳои илмии муассисаи муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба танзим медарорад.

9.2. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбиро ба роҳ монда, онро назорат мекунад.

9.3. Фаъолияти институт ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, парки технологӣ, шуъбаи илм ва шуъбаи табъу нашри муассисаи таҳсилоти олии касбиро сарварӣ ва фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсози илмӣ, Шӯроҳои диссертатсионӣ, Шӯрои олимони ҷавон ва Ҷамъияти илмии донишҷӯёнро назорат менамояд.

9.4. Барои тайёр намудани докторантон, аспирантон, докторантони PhD, магистрантон ва такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон тадбирҳои амалӣ меандешад.

9.5. Барои ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорон, дотсентон, муаллимони калон ва ассистентон озмун ташкил ва баргузор менамояд.

9.6. Барои татбиқи дастовардҳои илмии ҳайати омӯзгорони муассисаи таълимӣ дар истеҳсолот тадбирҳо меандешад.

9.7. Фаъолияти китобхонаҳои муассисаи таълимиро назорат карда, барои таҳкими фонди захиравии онҳо чораҳо меандешад.

9.8. Барои тақвияти ҳамкориҳои илмӣ бо муассисаҳои таълимии дохиливу хориҷӣ талош меварзад.

9.9. Конференсия, семинар ва симпозиумҳои илмии сатҳи муассиса, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ ташкил ва баргузор менамояд.

9.10. Риояи қоида ва талаботи техникаи бехатарӣ, санитарияи истеҳсолӣ ва қонунгузории меҳнатро ҳангоми ташкил ва баргузории корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ таъмин менамояд.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба корҳои илмӣ

10. Муовини ректор оид ба корҳои илмӣ дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

10.1. Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар ташкилотҳои дохилӣ ва хориҷии кишвар доир ба пешбурди корҳои илмӣ баромад ва онро муаррифӣ кунад.

10.2. Оид ба беҳтар намудани самти корҳои илмию таҳқиқотӣ ба ректори муассисаи таълимӣ таклифҳо пешниҳод намояд.

10.3. Бо роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳамкориҳои дуҷониба роҳандозӣ карда, барои иҷрои вазифаҳои хидматии худ ҳуҷҷат ва маводи зарурӣ дастрас менамояд.

10.4. Барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ аз ректори муассисаи таълимӣ мусоидат мепурсад.

10.5. Фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро доир ба ташкили корҳои илмию таҳқиқотӣ назорат менамояд.

10.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

10.7. Ба баррасии шӯрои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва таҳкими корҳои илмию таҳқиқотӣ пешниҳод менамояд.

10.8. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгирӣ мепурсад.

10.9. Дар доираи салоҳияти худ ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

10.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

10.11. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

**Низомномаи**
**вазифавии муовини ректори муассисаи таҳсилоти**
**олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид**
**ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ӯ дар назди ректор масъули амалӣ сохтани корҳои марбути соҳаи иқтисод, маъмурию хоҷагӣ ва молиявӣ мебошад.

2. Ба вазифаи муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 5-солаи омӯзгорӣ ё вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамчунин унвони дотсент ё профессор ва ё дараҷаи номзади илм ва ё доктори илм бошад.

3. Муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф фаъолият менамояд.

4. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳнамо ва методии танзимкунандаи масъалаҳои рушди низоми маориф, аз ҷумла таҳсилоти олии касбӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ташкили раванди таълиму тарбия, технологияҳои ҳозиразамон дар самти корҳои иқтисодию молиявӣ, кодекси меҳнат, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

5. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ сирри давлатиро маҳфуз нигоҳ медорад ва аз ҷониби кормандони сохторҳои тобеъ ҳифзи иттилоотеро, ки сирри хидматӣ ва ё тиҷоратиро дар бар мегирад, таъмин менамояд.

6. Муовини ректор оид ба корҳои корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар мавриди ба таври зарурӣ иҷро накардан ё ба сомон нарасонидани ухдадориҳои вазифавии худ, баромадан аз доираи ваколатҳои маснабӣ, дар ҷараёни фаъолияти худ роҳ додан ба қонунвайронкунӣ, расонидани зиён, ҳамзамон барои паҳн намудани маълумоте, ки

сирри хидматӣ ва тиҷоратӣ дорад, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

7. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар фаъолияти худ бевосита ба ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тобеъ мебошад.

## 10. **Уҳдадориҳои муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ**

8. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар доираи уҳдадориҳои худ:

8.1.Таъминоти моддию техникии раванди таълиму тарбия ва корҳои илмию таҳқиқотӣ, инчунин таъминоти моддию техникии муассисаи таълимиро дар маҷмуъ назорат менамояд.

8.2. Хадамоти хоҷагӣ, фарҳангию маишӣ, таъмини беҳдошти ҳолати санитарию гигиениии синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо, пойгоҳҳои таълимӣ, варзишӣ, хобгоҳҳо, ошхонаҳҳо ва ғайраро роҳбарӣ менамояд.

8.3. Ҷиҳати таъмини тамоми сохторҳои тобеи муассисаи таълимӣ бо таҷҳизоти муносиб тадбирҳо меандешад.

8.4. Нақшаи хариди молу амволи муассисаи таълимиро таҳия сохта, вобаста ба масъалаҳои иқтисодию молиявӣ шартномаҳо мебандад.

8.5. Истифодаи дурусти молу амволи муассисаи таълимиро назорат намуда, вобаста ба харҷи сарватҳои моддӣ ҳуҷҷат мураттаб месозад.

8.6. Фаъолияти муҳосиботи муассисаи таълимиро назорат менамояд.

8.7. Барои такмил додани шаклҳои бехатарии меҳнат ба кормандони техникии муассисаи таълимӣ курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ ташкил менамояд.

8.8. Масъалаҳои марбут ба таҳсили шартномавиро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ назорат мекунад.

8.9. Барои таҳкими пояи моддию техникӣ, пардохти саривақтии музди меҳнати кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳо меандешад.

## **3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ**

9. Муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва молиявӣ дар доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ:

9.1. Аз номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба масъалаҳои маъмурию хоҷагӣ ва иқтисодию молиявӣ баромад ва онро муаррифӣ мекунад.

9.2. Оид ба беҳтар намудани самти корҳои иқтисодию молиявӣ ба ректори муассисаи таълимӣ таклифҳо пешниҳод намояд.

9.3. Бо роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳамкориҳои дуҷониба роҳандозӣ карда, барои иҷрои вазифаҳои хидматии худ ҳуҷҷат ва маводи зарурӣ дастрас менамояд.

9.4. Барои иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои худ аз ректори муассисаи таълимӣ мусоидат мепурсад.

9.5. Фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимиро доир ба ташкили корҳои иқтисодию молиявӣ назорат менамояд.

9.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

9.7. Ба баррасии шӯрои олимони муассисаи таълимӣ оид ба банақшагирӣ, назорат ва таҳкими корҳои иқтисодию молиявӣ пешниҳод менамояд.

9.8. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгирӣ мепурсад.

9.9. Дар доираи салоҳияти худ ба ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаи таълимӣ дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

9.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

9.11. Тахассуси касбии худро такмил медиҳад.

**Низомномаи**
**вазифавии декани факултети муассисаи таҳсилоти**
**олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрииии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Роҳбарии факултет ба уҳдаи декан вогузор карда мешавад. Декани факултетро ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар мувофиқа бо муассис ва ризоияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ, ки на камтар аз 5 сол собиқаи фаъолияти илмӣ ва илмию омӯзгорӣ доранд, ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Ба вазифаи декани факултет номзади илм, дотсент ба муддати на зиёда аз як муҳлат ва доктори илм, профессор ба муддати на зиёда аз ду муҳлат пайиҳам таъин карда мешавад. Талаботи мазкур оид ба дараҷа ва унвони илмӣ доштани декани факултет дар ҳолатҳои истисноӣ ба соҳаҳои санъат, фарҳанг, варзиш дахл намекунад.

3. Декани факултет фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармоишҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таълимӣ, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муовинони он, қарорҳои Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва факултет ба роҳ мемонад.

4. Декани факултет аъзои Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ ва раиси Шӯрои олимони факултет мебошад.

5. Декани факултет оид ба фаъолияташ дар назди раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисобот медиҳад.

6. Декани факултет бояд қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми таълим, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ (нақшаҳои инфиродии таълимӣ, ҷадвалҳо), тартиби ҳуҷҷатузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи технологияҳои муосири таълим,

аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муасссаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаи таълимӣ, асосҳои қонунгузории маъмурию хоҷагидорӣ, комёбиҳои муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

7. Тибқи муқаррароти амалкунанда барои фаъолият ба сифати иҷрокунандаи вазифаи декани факултет то 3 моҳ иҷозат дода мешавад.

## 2. Уҳдадориҳои декани факултет

8. Декани факултет дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ:

8.1. Фаъолияти Шӯрои олимони факултетро тибқи Низомномаи Шӯрои олимони факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, роҳбарии онро ба зимма мегирад.

8.2. Бевосита корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инчунин тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмию омӯзгориро дар факултет роҳбарӣ менамояд.

8.3. Стратегияи рушди факултетро коркард карда, ҳамкориҳои мунтазамро бо корфармоён, мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия ва дигар мақомоти дахлдор таъмин менамояд.

8.4. Бо муовинони ректор ва роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҷиҳати банақшагирӣ, ташкил ва назорати раванди таълим, тарбия ва корҳои илмию методӣ дар факултет ҳамкорӣ менамояд.

8.5. Таҳия ва тасдиқи лоиҳаҳои барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро бо фарогирии барномаи бакалавриат, мутахассис ва магистратура, ки дар факултет татбиқ мешавад, мувофиқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ташкил менамояд.

8.6. Коркард, таҷдид ва тасдиқи нақшаҳои таълимиро аз рӯи ихтисосҳои амалкунандаи факултет ташкил карда, ҷадвалҳои тақвимӣ ва нақшаҳои солонаи таълимро коркард ва тибқи муқаррарот барои тасдиқ пешниҳод мекунад.

8.7. Нақша ва ҷадвалҳои инфиродии таълимро барои донишҷӯён аз рӯи барномаи зудҳаракатии академӣ, барномаҳои муштараки таълим, бо истифода аз шаклҳои шабакавӣ ва технологияҳои дигари таълимӣ коркард менамояд.

8.8. Кори муовинони декан, мудирони кафедраҳоро ташкил ва ҳамоҳанг сохта, сифат ва муҳлати иҷрои уҳдадориҳои хизматии онҳоро мувофиқи санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳа назорат менамояд.

8.9. Донишҷӯёнро аз курс ба курс мегузаронад, ба сессияҳои имтиҳонӣ роҳ медиҳад ва барои супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ва ҳимояи рисолаи хатм ва магистрии донишҷӯён қарор қабул мекунад.

8.10. Донишҷӯёнро тибқи муқаррароти амалкунанда барои хориҷ ва барқарор, гузаштан аз гурӯҳи ғайриройгон ба ройгон пешниҳод мекунад.

8.11. Донишҷӯёни факултетро тибқи санадҳои меъёрии мавҷуда ба стипендияҳои муқаррарӣ ва номӣ пешниҳод менамояд.

8.12. Сифати машғулиятҳои дарсӣ, аз ҷумла машғулиятҳои лексионии омӯзгорон, амалию лабораторӣ, семинарҳо ва намудҳои дигари корҳои таълимиро назорат ва низоми дохилии баҳогузории сифати таълимро дар факултет таъмин менамояд.

8.13. Шакл, муҳлат ва тартиби баргузории аттестатсияҳои ҷории донишҷӯёнро тавассути тасдиқи ҷадвали баргузории рейтингҳо ва ҷадвали сессияҳои имтиҳонӣ ташкил ва назорат менамояд.

8.14. Дар муҳлатҳои муайян ва тибқи муқаррароти мавҷуда барасмиятдарорӣ ва додани ҳуҷҷати намунаи давлатиро ташкил менамояд.

8.15. Оиди бо кор таъминшавии хатмкунандагони факултет мониторинг гузаронида, барои таҳсили онҳо тавассути низоми таҳсилоти муттасил мусоидат менамояд.

8.16. Дар сиёсати кадрии факултет, аз ҷумла дар интихоби кормандони илмию омӯзгорӣ ба вазифаи мудири кафедра, иштирок карда, ҷиҳати такмили ихтисоси онҳо пешниҳодҳо менамояд.

8.17. Иштироки факултетро дар фаъолияти таълимию илмии байналмилалии муассисаи таълимӣ ташкил ва ҳамоҳанг месозад.

8.18. Кори кафедраҳои факултетро дар иҷрои таҳқиқотҳои бунёдӣ ва илмию амалӣ дар самти равияву ихтисосҳое, ки дар факултет мутахассисон омода карда мешаванд, назорат менамояд.

8.19. Ба самъи мудирони кафедра ва кормандони факултет фармоишҳо ва дастуру супоришҳои роҳбариятро, ки ба фаъолияти факултет дахл доранд, мерасонад ва иҷрои саривақти онҳоро назорат ва таъмин менамояд.

8.20. Вобаста ба дархости роҳбарият оид ба масъалаҳои таълимию тарбиявӣ ва илмию таҳқиқотӣ ва дигари факултет саривақт иттилооти зарурӣ манзур менамояд.

8.21. Мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатнигории факултетро ба роҳ монда, риояи қоида ва техникаи зиддисӯхторро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни факултет талаб ва назорат менамояд.

8.22. Барои сомонаи муассисаи таълимӣ тибқи муқаррароти ҷорӣ саривақт ва мунтазам дар бораи фаъолияти факултет маълумот манзур месозад.

8.23. Банақшагирӣ ва нашри адабиёти таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмиро аз ҷониби омӯзгорони факултет ташкил менамояд.

8.24. Интихоб ва тайёркунии аспирантон, муҳаққиқ-коромӯзон ва унвонҷӯёнро назорат мекунад.

8.25. Ташкил ва баргузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, озмунҳои илмии донишҷӯён ва олимони ҷавонро ба роҳ мемонад.

8.26. Фаъолияти кормандони таълимию ёридиҳанда ва техникии кафедраҳою факултетро роҳбарӣ менамояд.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои декани факултет

9. Декани факултет дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

9.1. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.

9.2. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳои ҷорӣ ва ҷамъбастии донишҷӯён иштирок мекунад.

9.3. Аз муовинони декан, мудирони кафедраҳо ва дигар кормандони факултет оид ба корҳои анҷомдодаашон ҳисобот талаб мекунад.

9.4. Ба баррасии шӯрои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмӣ ва илмию методӣ, тарбиявӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод менамояд.

9.5. Ба роҳбарияти муассисаи таълимӣ тибқи муқаррарот вобаста ба таъин ва озод намудани кормандон, ҳавасмандсозиҳои моддию маънавӣ ва ғайра пешниҳодҳо менамояд.

9.6. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгирӣ мепурсад.

9.7. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

9.8. Ба баррасии Шӯрои олимони донишгоҳ масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти таълимию илмӣ ва дигари факултет пешниҳод менамояд.

9.9. Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба фаъолияти факултет ва муассисаи таълимӣ иштирок мекунад.

9.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

9.11. Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил менамояд.

9.12. Барои ба сафари хизматӣ доир ба масъалаҳои корҳои илмию методӣ, инчунин барои иштирок дар ҷаласаҳои машваратӣ, семинарҳо, симпозиумҳо фиристодани ҳайати омӯзгорони факултет дар мувофиқа бо ректор иҷозат медиҳад.

9.13. Барои пешрафти корҳои илмию таҳқиқотӣ кормандони факултетро барои гирифтани мукофот пешниҳод мекунад.

**Низомномаи**
**вазифавии муовини декани факултет оид ба таълим**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Роҳбарии корҳои таълимии факултетро муовини декан оид ба таълим ба уҳда дорад. Муовини декани факултет оид ба таълимро декани факултет дар мувофиқа бо ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Муовини декани факултет оид ба таълим дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, Низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

3. Муовини декан оид ба таълим қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми таълим, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ, тартиби ҳуҷҷатузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муасссаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, асосҳои қонунгузории маъмурию хоҷагидорӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

4. Муовини декани факултет оид ба таълим бевосита ба декани факултет тобеъ буда, роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва Шӯрои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

5. Муовини декан оид ба корҳои таълим аъзои Шӯрои олимони факултет мебошад.

## 2. Ухдадориҳои муовини декан оид ба таълим

6. Муовини декан оид ба корҳои таълим дар доираи ухдадориҳои худ:

6.1. Бевосита ба раванди таълим дар факултет роҳбарӣ менамояд.

6.2. Фармоишҳои аз тарафи раёсати муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва факултет додашударо ба самъи ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён расонида, иҷрои амалии онҳоро таъмин менамояд.

6.3. Таҳияи нақшаҳои таълимиро таъмин ва нақшаҳои таълимии кориро таҷдиди назар менамояд.

6.4. Нақшаҳои таълимию методии кафедраҳоро ҳамоҳанг карда, дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон нақшаи корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро омода месозад.

6.5. Таҳияи ҷадвали машғулиятҳои дарсиро таъмин ва иҷрои саривақтии онро назорат мекунад.

6.6. Ҳуҷҷатнигории факултетро вобаста ба ташкили раванди таълим ба роҳ монда, раванди давомот ва аттестатсияҳои ҷории донишҷӯёнро таъмин менамояд.

6.7. Ҷадвали имтиҳонии сессияҳои асосӣ ва иловагиро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

6.8. Барасмиятдародии ҳуҷҷатҳои раванди таълимро аз қабили пур кардани журналҳои қайди давомоти донишҷӯён, варақа ва дафтарчаҳои имтиҳонии донишҷӯён, иҷрои нақшаҳои тақвимии машғулиятҳои дарсӣ ва ҷавдали дарсӣ аз ҷониби омӯзгорон, иҷрои нақшаҳои корӣ, барномаҳо ва ҷадвали корҳои мустақилонаи донишҷӯён назорат менамояд.

6.9. Донишҷӯёнро барои супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ва ҳимояи корҳои хатм иҷозат дода, кори комиссияи аттестатсияи хатмро ташкил менамояд.

6.10. Кори комиссияи стипендияро ташкил карда, рӯйхати донишҷӯёнро ҷиҳати гирифтани стипендия ва стипендияи иҷтимоӣ пешниҳод мекунад.

6.11. Натиҷаҳои раванди таълимро таҳлил намуда, дар асоси он вобаста ба баланд бардоштани сатҳи таълим чораҳо меандешад.

6.12. Бо омӯзгорон, методистони раёсати таълимию методӣ, муовини ректор оид ба таълим ва кормандони дигари муассисаи таълимӣ дар самти таълим ҳамкорӣ мекунад.

6.13. Кори сардорони гурӯҳҳои академиро ҳамоҳанг сохта, дар гурӯҳҳои академӣ ва курсҳо ҷаласа ташкил ва баргузор менамояд.

6.14. Оид ба ҳавасмандсозии донишҷӯёне, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил менамоянд ва ба муҷозоти интизомӣ кашидани донишҷӯёне, ки қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимӣ ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқиро халалдор месозанд, пешниҳодҳо менамояд.

6.15. Вазъи биноҳо ва синфхонаҳои таъимии ба факултет вобасташударо назорат менамояд.

6.16. Омодагии бино ва синфхонаҳои таълимиро ба машғулиятҳои дарсӣ, маводи талимию методии зарурӣ таъмин менамояд.

6.17. Дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба такмили усул ва шаклҳои раванди таълим ширкат меварзад.

6.18. Дар ҳамкорӣ бо кафедраҳои факултет аз болои кори комиссияҳои таълимӣ роҳбарӣ мекунад.

6.19. Барои гузаронидани корҳои таълимӣ бо донишҷӯён робитаи доимӣ нигоҳ дошта, вобаста ба масъалаҳои раванди таълим бо онҳо корҳои инфиродӣ мебарад.

6.20. Дар якҷоягӣ бо декани факултет ба аризаҳои шаҳрвандон, ки ба фаъолияти факултет дахл доранд, шинос шуда, нисбати ҳалли онҳо чораҳои қатъӣ меандешад.

6.21. Баргузории пайвастаи баҳисобгирӣ, таҳлили давомот ва донишазхудкунии ҷории донишҷӯёнро амалӣ гардонида, аттестатсияи ҷории донишҷӯён ва мусобиқаҳои байни гурӯҳҳои академиро ташкил мекунад.

6.22. Ба қисми таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба давомот ва сатҳи донишазхудкунии донишҷӯёни факултет, инчунин таъмини онҳо бо стипендияи муқаррарӣ ва номӣ маълумот медиҳад.

6.23. Дар факултет корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ташкил менамояд.

6.24. Ҳуҷҷатгузории факултетро оид ба корҳои таълимӣ дар асоси Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармоишҳо ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ ташкил карда, онро пеш мебарад.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба таълим

7. Муовини декан оид ба таълим дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

7.1. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба ташкили раванди таълим иштирок мекунад.

7.2. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.3. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривқтии онҳоро талаб мекунад.

7.4. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳо иштирок мекунад.

7.5. Ба баррасии шӯрои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмӣ ва илмию методӣ, тарбиявӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод менамояд.

7.6. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

7.7. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.8. Ба баррасии Шӯрои олимони донишгоҳ масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти таълимии факултет пешниҳод менамояд.

7.9. Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба раванди таълим дар факултет ва донишгоҳ иштирок мекунад.

7.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

7.11. Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил менамояд.

7.12. Дар машғулиятҳои дарсӣ ва раванди қабули имтиҳони донишҷӯёни факултет ширкат меварзад.

**Низомномаи**
**вазифавии муовини декани факултет оид ба тарбия**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Роҳбарии корҳои тарбиявии факултетро муовини декан оид ба тарбия ба уҳда дорад. Муовини декани факултет оид ба тарбияро декани факултет дар мувофиқа бо ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷумлаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Омӯзгорони бе дараҷа ва унвони илмӣ низ ба вазифаи муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ таъин карда мешаванд.

3. Муовини декани факултет оид ба тарбия дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, Низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

4. Муовини декан оид ба тарбия бояд қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, танзимкунандаи фаъолияти тарбиявии муассисаи таълимӣ; самтҳои афзалиятноки рушди низоми маориф; қарорҳо ва амру фармоишҳо оид ба тарбия, тартиби таҳияи нақша ва ҳисобот, тартиби ҳуҷҷатнигорӣ вобаста ба корҳои тарбиявӣ, шаклу усулҳои муосири тарбияи донишҷӯён, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

5. Муовини декани факултет оид ба тарбия роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва Шӯрои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

6. Муовини декан оид ба тарбия аъзои Шӯрои олимони факултет мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои муовини декан оид ба тарбия

7. Муовини декан оид ба тарбия дар доираи уҳдадориҳои худ:

7.1. Банақшагирии ҷорӣ ва дурнамои корҳои тарбиявии факултетро ташкил карда, ба раванди корҳои тарбиявии факултет роҳбарӣ менамояд.

7.2. Кори омӯзгорон, кураторон, Шӯрои кураторон ва созмонҳои дигарро оид ба иҷрои нақша ва барномаҳои тарбиявӣ, ҳамзамон коркард ва раванди ҳуҷҷатнигорӣ ҳамоҳанг месозад.

7.3. Ҳамкориҳои намояндагони созмонҳои ҷамъияти муассисаи таълимӣ, шӯъбаҳои кор бо ҷавонони мақомоти маҳаллӣ ва фаъолони факултетро аз ҳисоби донишҷӯён ҳамоҳанг месозад.

7.4. Кор бо волидайни донишҷӯёнро ба роҳ мемонад.

7.5. Пешбурди ҳуҷҷатгузории факултетро оид ба корҳои тарбиявӣ ва таҳияи саривақтии ҳисоботро тибқи муқаррароти ҷорӣ ташкил карда, иҷроиши саривақтии онро таъмин менамояд.

7.6. Ба донишҷӯён дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ кӯмаки ҳамаҷониба мерасонад.

7.7. Аз ҳисоби донишҷӯёни фаъол, дастаи ҳаваскорон ва сексияҳои варзишӣ ташкил намуда, ҷиҳати фаъолияти пурсамари онҳо чораҷӯӣ менамояд.

7.8. Дар ташкил ва баргузории аттестатсияи ҳайати омӯзгорон ва кормандони факултет иштирок менамояд.

7.9. Вазъи хизматрасонии тиббӣ, шароити маишии донишҷӯён, ҳамзамон риояи қоидаҳои будубошро дар хобгоҳ аз ҷониби онҳо назорат менамояд.

7.10. Бо шӯъбаи кор бо ҷавонон дар ташкили семестрҳои меҳнатӣ, шанбегиҳо, бригадаҳои таъмирӣ дар хобгоҳ ёрии амалӣ мерасонад.

7.11. Бо ёрии Шӯрои китобхона доир ба омӯхтани адабиёт ва таҷрибаи пешқадами дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахри таҳкими сифати тарбияи ватандӯстии донишҷӯён корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ мебарад.

## 12.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба тарбия

8. Муовини декан оид ба тарбия дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

8.1. Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет, садорат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки бо шунидани ҳисоботи ҳайати омӯзгорон ва кормандон, мақомоти худидоракунии донишҷӯён баргузор мегарданд, ширкат варзида, оид ба баланд бардоштани корҳои тарбиявӣ таклифу пешниҳодҳо менамояд.

8.2. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба корҳои тарбиявӣ иштирок мекунад.

8.3. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.4. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривқтии онҳоро талаб мекунад.

8.5. Ба баррасии шӯрои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои тарбиявӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод менамояд.

8.6. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

8.7. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.8. Ба баррасии Шӯрои олимони донишгоҳ масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти тарбиявии факултет пешниҳод менамояд.

8.9. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

8.10. Дар кори факултет доир ба пурзӯр намудани тамоюли назариявии таълим ва тарбия доир ба мавзӯъҳои сиёсӣ, лексияҳо ва дарсҳои моҳияти тарбиявидошта фаъолона иштирок намояд.

8.11. Пешниҳодҳои кафедраҳоро доир ба мукаммалкунии тарбияи сиёсии донишҷӯён дар вақтҳои берун аз дарс дида барояд, муҳокима кунад ва ба ҳаёт татбиқ намояд.

8.12. Донишҷӯёнеро, ки дар корҳои ҷамъиятӣ муваффақият ба даст овардаанд, барои гирифтани мукофот пешниҳод намояд.

8.13. Бо ҳамроҳии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷаласаҳои илмӣ–методӣ, семинару конференсияҳои хайати омӯзгорон ва донишҷӯён мегузаронад.

**Низомномаи**
**вазифавии муовини декани факултет оид ба корҳои илмӣ**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Роҳбарии корҳои илмии факултетро муовини декан оид ба корҳои илмӣ ба уҳда дорад. Муовини декани факултет оид ба корҳои илмиро декани факултет дар мувофиқа бо ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Муовини декани факултет оид ба корҳои илмӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, Низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

3. Муовини декан оид ба корҳои илмӣ қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми таълим, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ, тартиби ҳуҷҷатузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муасссаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, асосҳои қонунгузории илмию таҳқиқотӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

4. Муовини декани факултет оид ба корҳои илмӣ бевосита ба декани факултет тобеъ буда, роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва Шӯрои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

5. Муовини декан оид ба корҳои илмӣ аъзои Шӯрои олимони факултет мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои муовини декан оид ба корҳои илмӣ

6. Муовини декан оид ба корҳои илмӣ дар доираи уҳдадориҳои худ:

6.1. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултетро ба нақша гирифта, бевосита ба корҳои илмию таҳқиқотӣ дар факултет роҳбарӣ ва иҷрои онҳоро назорат менамояд.

6.2. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраҳоро бо самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳанг сохта, иҷроиши онро назорат менамояд.

6.3. Фармоишҳои аз тарафи раёсати муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва факултет дар самти корҳои илмию таҳқиқотӣ додашударо ба самъи донишҷӯён расонида, иҷрои амалии онҳоро таъмин менамояд.

6.4. Ҷиҳати пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва ҳамкориҳои факултет бо муассисаҳои пешбари илмии ватанӣ ва хориҷи кишвар робита ба роҳ мемонад.

6.5. Дар ҳамкорӣ бо кафедраҳо ва қисми таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои татбиқи натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди таълим чораҳо меандешад.

6.6. Барои гузаронидани шӯроҳои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба ҷиҳатҳои мухталифи корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон ва донишҷӯён мавод омода месозад.

6.7. Дар факултет конференсияҳои илмию амалӣ ташкил ва баргузор менамояд.

6.8. Байни омӯзгорон ва донишҷӯён озмунҳои гуногуни илмӣ ва олимпиадаҳо гузаронида, барои ташкил намудани чорабиниҳои илмии донишҷӯён маслиҳатҳои методӣ медиҳад.

6.9. Супурдани имтиҳони минимуми номзадии аспиранту унвонҷӯён ва корҳои илмии онҳоро назорат намуда, доир ба он ҳисобот пешниҳод месозад.

6.10. Раванди ҳуҷҷатгузорӣ ва таҳияву пешниҳоди ҳисоботи факултетро оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа ва муқарраротҳ амалкунанда ба роҳ мемонад.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба корҳои илмӣ

7. Муовини декан оид ба корҳои илмӣ дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

7.1. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба ташкил ва пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ иштирок мекунад.

7.2. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.3. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривқтии онҳоро талаб мекунад.

7.4. Ба баррасии шӯрои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои илмию таҳқиқотӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод менамояд.

7.5. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

7.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.7. Ба баррасии Шӯрои олимони донишгоҳ масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти илмию таҳқиқотии факултет пешниҳод менамояд.

7.8. Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба раванди корҳои илмию таҳқиқотӣ дар факултет ва донишгоҳ иштирок мекунад.

7.9. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техникии таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

7.10. Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил менамояд.

7.11. Дар ҷаласаҳои машваратии декани муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иштирок мекунад.

7.12. Омӯзгорон ва донишҷӯёни факултетро, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муваффақият ба даст овардаанд, барои гирифтани мукофот пешниҳод намояд.

7.13. Омӯзгорон ва донишҷӯёни факултетро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиро мувофиқи талабот иҷро намекунанд, ба ҷазои маъмурӣ пешниҳод менамояд.

**Низомномаи**
**вазифавии муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрииии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона ҳамон вақт таъсис дода мешавад, ки агар миқдори донишҷӯёни таҳсили ғоибона дар факултет на камтар аз 500 нафар бошад.

2. Муовини декани факултет оид ба таълими ғоибонаро декани факултет дар мувофиқа бо ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба муддати 5 сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

3. Муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, Низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

4. Муовини декан оид ба таълими ғоибона қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми таълим, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ, тартиби ҳуҷҷатузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муасссаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, асосҳои қонунгузории маъмурию хоҷагидорӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

5. Муовини декани факултет оид ба таълими ғоибона бевосита ба декани факултет тобеъ буда, роҷеъ ба фаъолияташ дар назди декани факултет ва Шӯрои олимони факултет ҳисобот медиҳад.

6. Муовини декан оид ба таълими ғоибона аъзои Шӯрои олимони факултет мебошад.

## 2. Ухдадориҳои муовини декан оид ба таълими ғоибона

7. Муовини декан оид ба таълими ғоибона дар доираи ухдадориҳои худ:

7.1. Бевосита ба раванди таълими донишҷӯёни шуъбаи ғоибона дар факултет роҳбарӣ менамояд.

7.2. Фармоишҳои раёсати муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва факултетро дар самти таълими ғоибона ба самъи донишҷӯёни шуъбаи ғоибона расонида, иҷрои амалии онҳоро таъмин менамояд.

7.3. Таҳияи нақшаҳои таълимиро дар самти таълими ғоибона таъмин ва нақшаҳои таълимии кориро таҷдиди назар менамояд.

7.4. Таҳияи ҷадвали машғулиятҳои дарсиро дар шуъбаи ғоибона таъмин ва иҷрои саривақтии онро назорат мекунад.

7.5. Ҳуҷҷатнигории факултетро вобаста ба ташкили раванди таълим дар шуъбаи ғоибона ба роҳ монда, раванди давомот ва аттестатсияҳои ҷории донишҷӯёнро таъмин менамояд.

7.6. Ҷадвали имтиҳонии сессияҳои асосӣ ва иловагиии донишҷӯёнро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

7.7. Барасмиятдародии ҳуҷҷатҳои раванди таълимро аз қабили пур кардани журналҳои қайди давомоти донишҷӯён, варақа ва дафтарчаҳои имтиҳонии донишҷӯён, иҷрои нақшаҳои тақвимии машғулиятҳои дарсӣ ва ҷавдали дарсӣ аз ҷониби омӯзгорон назорат менамояд.

7.8. Донишҷӯёнро барои супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ва ҳимояи корҳои хатм иҷозат дода, кори комиссияи аттестатсияи хатмро ташкил менамояд.

7.9. Натиҷаҳои раванди таълимро дар шуъбаи ғоибона таҳлил намуда, дар асоси он вобаста ба баланд бардоштани сатҳи таълим чораҳо меандешад.

7.10. Бо омӯзгорон, методистони раёсати таълимию методӣ, муовини ректор оид ба таълим ва кормандони дигари муассисаи таълимӣ дар самти таълим ҳамкорӣ мекунад.

7.11. Омодагии бино ва синфхонаҳои таълимиро ба машғулиятҳои дарсӣ, маводи талимию методии зарурӣ таъмин менамояд.

7.12. Барои гузаронидани корҳои таълимӣ бо донишҷӯён робитаи доимӣ нигоҳ дошта, вобаста ба масъалаҳои раванди таълим бо онҳо корҳои инфиродӣ мебарад.

7.13. Дар якҷоягӣ бо декани факултет ба аризаҳои шаҳрвандон, ки ба фаъолияти факултет дахл доранд, шинос шуда, нисбати ҳалли онҳо чораҳои қатъӣ меандешад.

7.14. Бо донишҷӯёни таҳсили ғоибона пайваста дар робита буда, ба онҳо саривақт дар бораи шурӯъ шудани машғулиятҳои дарсӣ маълумот медиҳад ва ба онҳо ҷиҳати ҳозир шудан ба сессияҳои имтиҳонӣ ва аттестатсияи хатм даъватнома ирсол менамояд.

7.15. Баргузории пайвастаи баҳисобгирӣ, таҳлили давомот ва донишазхудкунии ҷории донишҷӯёнро амалӣ гардонида, аттестатсияи ҷории донишҷӯёнро ташкил мекунад.

7.16. Ба қисми таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доир ба давомот ва сатҳи донишазхудкунии донишҷӯёни факултет дар шуъбаи ғоибона маълумот медиҳад.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муовини декан оид ба корҳои таълими ғоибона

8. Муовини декан оид ба таълими ғоибона дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

8.1. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти муассисаи таълимӣ, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба ташкили раванди таълим лдар шуъбаи ғоибона иштирок мекунад.

8.2. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.3. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривқтии онҳоро талаб мекунад.

8.4. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳои донишҷӯёни шуъбаи ғоибона иштирок мекунад.

8.5. Ба баррасии шӯрои олимони факултет оид ба банақшагирӣ, назорат ва такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмӣ ва илмию методӣ, тарбиявӣ ва дигар масъалаҳо пешниҳод менамояд.

8.6. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

8.7. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.8. Ба баррасии Шӯрои олимони донишгоҳ масъалаҳои марбут ба таҳкими фаъолияти таълимии факултет дар самти таълими ғоибона пешниҳод менамояд.

8.9. Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба раванди таълими шуъбаи ғоибона дар факултет ва донишгоҳ иштирок мекунад.

8.10. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

8.11. Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил менамояд.

8.12. Дар машғулиятҳои дарсӣ ва раванди қабули имтиҳони донишҷӯёни шуъбаи ғоибонаи факултет ширкат меварзад.

**Низомномаи**
**вазифавии коргузори факултет**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Коргузори факултет бо пешниҳоди декани факултет ва фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби мутахассисони соҳиби таҳсилоти олии касбӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

2. Коргузори факултет ба декани факултет итоат мекунад ва таҳти роҳбарии ӯ масъалаҳои ташкилии факултетро иҷро менамояд.

3. Корузори факултет қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, тартиби татбиқи нақшаҳои таълимӣ ва ҳуҷҷатузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

4. Коргузори факултет фаъолияти худро мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномa ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

5. Коргузори факултет дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои коргузори факултет

6. Коргузори факултет дар доираи уҳдадориҳои худ:

6.1. Бо муовини декан оид ба таълим дар асоси нақшаҳои таълимии намунавӣ ва кории факултет раванди таълимро дар факултет ташкил менамояд.

6.2. Барои омода сохтани масъалаҳое, ки дар Шӯрои олимони факултет баррасӣ мешаванд, ба муовинони декан кӯмак мерасонад.

6.3. Дар таҳия сохтани ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ ба муовини декан оид ба таълим мадад мерасонад.

6.4. Робитаҳои факултетро бо кафедраҳо дар масъалаҳои таълими фанҳои ҷудогона таъмин менамояд.

6.5. Ҳуҷҷатгузории сессияҳои имтиҳониро (варақаҳои санҷишӣ, имтиҳонӣ, иттилоотӣ ва ғ.) ба роҳ мемонад ва дар асоси онҳо барои муовини декан оид ба корҳои таълим ва декани факултет маълумот омода месозад.

6.6. Бо муовини декан оид ба таълим дараҷаи азхудкунӣ ва давомоти донишҷӯёнро назорат карда, имтиҳонҳои фосилавӣ ва аттестатсияи ҷории донишҷӯёнро ташкил менамояд.

6.7. Маълумотномаи академӣ омода месозад, рафти супурдани варақаҳои имтиҳониро аз тарафи омӯзгорон назорат карда, вобаста ба зарурат онҳоро ба қисми таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод менамояд.

6.8. Лоиҳаи фармоишҳоро барои барои барқароркунӣ, хориҷ кардан ва гузаронидан, таҷрибаомӯзӣ, иҷрои корҳои курсӣ ва корҳои (лоиҳаҳои) дипломӣ, супоридани имтиҳонҳои хатм донишҷӯён омода месозад.

6.9. Тибқи муқаррароти ҷорӣ варақаи шахсӣ, билети донишҷӯён ва дафтарчаи имтиҳонии онҳоро ба арсмият медарорад.

6.10. Дастуру супоришҳои декани факултет ва муовини декан оид ба таълимро иҷро менамояд.

6.11. Ба декани факултет доир ба давомот ва сатҳи донишазхудкунии донишҷӯёни факултет маълумот медиҳад.

6.12. Барасмиятдародии ҳуҷҷатҳои раванди таълимро аз қабили пур кардани журналҳои қайди давомоти донишҷӯён, варақа ва дафтарчаҳои имтиҳонии донишҷӯён, иҷрои нақшаҳои тақвимии машғулиятҳои дарсӣ ва ҷавдали дарсӣ аз ҷониби омӯзгорон, иҷрои нақшаҳои корӣ, барномаҳо ва ҷадвали корҳои мустақилонаи донишҷӯён назорат менамояд.

6.13. Бо омӯзгорон ва кормандони дигари факултет дар самти таълим ҳамкорӣ мекунад.

6.15. Дар асоси Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, фармонҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ корҳои ҳуҷҷатгузории факултетро танзим менамояд.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои коргузори факултет

7. Коргузори факултет дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

7.1. Дар ҷаласаҳои умумии кормандони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок кунад.

7.2. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти факултет, кори ҷаласаҳои машваратии садорати факултет вобаста ба ташкили раванди таълим иштирок мекунад.

7.3. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.4. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

7.5. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

7.6. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

7.7. Ҷаласаҳои машваратии байни кафедраҳо, ҷаласаҳои машваратию конференсияҳои илмӣ ва илмию методӣ ташкил менамояд.

7.8. Аз болои омӯзгорон ва донишҷӯёне, ки қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва дигар асноди меъёрии соҳаро вайрон мекунанд, ба декани факултет ва муовини декан оид ба таълим гузориш манзур месозад.

**Низомномаи**
**вазифавии мудири кафедра**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Мудири кафедра дар асоси Низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи меҳнатӣ аз ҷумлаи докторони илм ва номзадҳои илм ба вазифа интихоб карда мешавад.

2. Дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра метавонанд шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ иштирок намоянд. Мудири кафедра барои як муҳлат ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интихоб карда мешавад. Шахсони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дар озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра танҳо дар ду муҳлат иштирок карда метавонанд.

3. Интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи шахсоне, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, қатъиян манъ аст. Ба таври истисно дар кафедраҳои соҳаи фарҳанг ва варзиш интихоби мудири кафедра аз ҷумлаи омӯзгорони собиқадоре, ки дараҷа ва унвони илмӣ надоранд, барои як муҳлат иҷозат дода мешавад.

Дар ин ҳолат ба чунин номзадҳо имтиёз дода мешавад: 1) дар соҳаи санъат – ба шахсоне, ки ба унвони ифтихории Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ё собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (ҳунарпешаи халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби шоистаи санъат, ҳунарпешаи шоиста, рассоми шоиста) сазовор гардида, ё барандаи ҷоизаи (дипломи) на камтар аз ду намоишгоҳ, озмун ё ҷашнвораи байналмилалӣ ва ё ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаҳои муайяни санъат бошанд; 2) дар соҳаи варзиш - ба шахсоне, ки қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусобиқаҳои қаҳрамонии миллӣ бошанд ё унвони фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, унвони фахрии байналмилалӣ дошта бошанд ё барандаи ҷоиза дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бошанд ё на камтар аз 1 нафар қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи Бозиҳои олимпӣ, Бозиҳои параолимпӣ, мусобиқаи қаҳрамони ҷаҳон, Аврупо, Осиё, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаҳрамони мусобиқаи миллӣ аз рӯйи соҳаҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро тайёр карда бошанд.

4. Ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баъди интихоби мудири кафедра бо ӯ шартномаи меҳнатӣ мебандад. Натиҷаи иҷрои шартнома, инчунин фаъолияти мудири кафедра дар соли якум аз тарафи шуъбаи кадрҳо ва комиссияи махсуси муқарризон (иборат аз 3 нафар), ки бо фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст, мавриди санҷиш қарор дода шуда, дар Шӯрои олимон баррасӣ мегардад.

5. Интихоби мудири кафедра дар асоси озмун гузаронида мешавад.

5.1. Эълон дар бораи гузаронидани озмуни ишғоли вазифаи мудири кафедра аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ як моҳ пеш дар саҳифаҳои васоити ахбори умум интишор карда мешавад:

– дар озмун номзадҳо мутобиқи бандҳои 5-8-и Низомномаи мазкур, мувофиқ ба

ихтисос ва тахассуси кафедра иштирок карда метавонанд;

– номзаде мудири кафедра интихоб мегардад, ки аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои дар Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкаткардаро соҳиб шавад.

5.2. Мудири кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мавридҳои зерин бозхонд карда мешавад:

– иҷро накардани вазифаҳое, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст;

– иҷро накардани талаботи шартномаи меҳнатӣ;

– манфӣ арзёбӣ гардидани фаъолияти кафедра;

– бо сабаби вазъи саломатӣ;

– ба синни нафақа расидан;

– бо хоҳиши худ;

– муқаррароти дигаре, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузорӣ амалкунанда муайян намудааст.

5.3. Маҳдудияти синнусолӣ ҳангоми интихоб ва аз вазифа озод намудани мудири кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешавад.

6. Мудири кафедра фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармоишҳо, низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи муассисаи таълимӣ, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва муовинони он, қарорҳои Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва факултет ба роҳ мемонад.

7. Мудири кафедра аъзои Шӯрои олимони факултет мебошад.

8. Мудири кафедра оид ба фаъолияташ дар назди раёсати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳисобот медиҳад.

9. Мудири кафедра бояд қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, назария ва усули идораи низоми таълим, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ (нақшаҳои инфиродии таълимӣ, ҷадвалҳо), тартиби ҳуҷҷатузории раванди таълим, роҳу усули истифодаи технологияҳои муосири таълим, аз ҷумла, фосилавӣ, технологияи ташкили корҳои методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ, қоида ва тартиби пешниҳоди донишҷӯён ба стипендияҳои номӣ, шаклу усулҳои муосири таълиму тарбия, ҳуҷҷатҳои меъёрии муайянкунандаи мақоми кормандони илмию омӯзгорӣ ва роҳбарикунандаи муасссаи таълимӣ, махсусиятҳои танзими фаъолияти ҳайати омӯзгорон, фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаи таълимӣ, асосҳои қонунгузории маъмурию хоҷагидорӣ, комёбиҳои муассисаҳои

ватанӣ ва хориҷӣ, қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарӣ аз сӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

10. Мудири кафедра фаъолияти худро тибқи нақшаҳои корӣ, ки иҷрои корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, иҷтимоию тарбиявӣ ва робитаҳои байналмилалиро дар бар гирифтааст, ҳамзамон дар самти тайёр намудани бакалаврҳо, магистрҳо, докторҳои фалсафа (PhD), докторҳо аз рӯи ихтисос ва докторҳо ба роҳ мемонад.

## 2. Уҳдадориҳои мудири кафедра

11. Мудири кафедра дар доираи уҳдадориҳои вазифавии худ:

11.1. Фаъолияти кафедраро тибқи Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, роҳбарии онро ба зимма мегирад.

11.2. Бевосита корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, инчунин тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои илмию омӯзгориро дар кафедра роҳбарӣ менамояд.

11.3. Стратегияи рушди кафедраро коркард карда, ҳамкориҳои мунтазамро бо корфармоён, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва давлатӣ, мақомоти идораи маориф таъмин менамояд.

11.4. Бо садорати факултет ва роҳбарони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҷиҳати банақшагирӣ, ташкил ва назорати корҳои илмию методӣ дар кафедра ҳамкорӣ менамояд.

11.5. Кори ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедраро ташкил карда, сифат ва мӯҳлати иҷрои уҳдадориҳои хизматии онҳоро мувофиқи санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳа назорат менамояд.

11.6. Сифати машғулиятҳои дарсӣ, аз ҷумла машғулиятҳои лексионии омӯзгорон, амалию лабораторӣ, семинарҳо ва намудҳои дигари корҳои таълимиро назорат ва низоми дохилии баҳогузории сифати таълимро дар кафедра таъмин менамояд.

11.7. Дар сиёсати кадрии факултет, аз ҷумла дар интихоби кормандони илмию омӯзгорӣ иштирок карда, ҷиҳати такмили ихтисоси онҳо пешниҳодҳо менамояд.

11.8. Иштироки кафедраро дар фаъолияти таълимию илмии факултет ва муассисаи таълимӣ ташкил ва ҳамоҳанг месозад.

11.9. Кори кафедраро дар иҷрои таҳқиқотҳои бунёдӣ ва илмию амалӣ дар самти равияву ихтисосҳое, ки мутахассисон омода карда мешаванд, назорат менамояд.

11.10. Ба самъи ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра фармоишҳои роҳбарият ва дастуру супоришҳои дигарро, ки ба фаъолияти кафедра доранд, мерасонад ва иҷрои саривақтии онҳоро назорат ва таъмин менамояд.

11.11. Вобаста ба дархости роҳбарият оид ба масъалаҳои таълимию тарбиявӣ ва илмию таҳқиқотӣ ва дигари кафедра саривақт иттилооти зарурӣ манзур менамояд.

11.12. Мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатнигории кафедраро ба роҳ монда, риояи қоида ва техникаи зиддисӯхторро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат менамояд.

11.13. Барои сомонаи муассисаи таълимӣ тибқи тмуқаррароти ҷорӣ саривақт ва мунтазам дар бораи фаъолияти кафедра маълумот манзур месозад.

11.14. Банақшагирӣ ва нашри адабиёти таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмиро аз ҷониби омӯзгорони кафедра ташкил менамояд.

11.15. Интихоб ва тайёркунии аспирантон, коромӯз-таҳқиқотчӣ ва унвонҷӯёнро назорат мекунад.

11.16. Ташкил ва назорати корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯён, гузаронидани озмуни корҳои донишҷӯён ва олимони ҷавону мутахассисонро ба роҳ мемонад.

11.17. Фаъолияти кормандони таълимию ёридиҳанда ва техникии кафедраҳоро роҳбарӣ менамояд.

11.18. Дар заминаи кафедра лабораторияҳои таълимӣ, илмӣ, кабинетҳои методӣ, фаннӣ, синфхонаҳои компютерӣ ва намояндагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ таъсис медиҳад.

11.19. Бо мақсади баррасии масъалаҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ, семинарҳо, маҳфилҳо ташкил менамояд.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои мудири кафедра

12. Мудири кафедра дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

12.1. Оид ба ташкили раванди таълим ва масъалаҳои марбут ба фаъолияти кафедра аз сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ. маълумот дастрас менамояд.

12.2. Дар самти тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ тадбирҳо меандешад.

12.3. Ҷиҳати омӯзиш, пуррагардонӣ ва паҳн намудани таҷрибаи кории омӯзгорони собиқадор, расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавон дар азхудкунии маҳорати педагогӣ чораҷӯӣ менамояд.

12.4. Корҳои хатми бакалаврӣ, рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ, доктори аз рӯи ихтисос ва доктории аъзоҳои кафедра ё бо супориши раёсати муассисаи таълимӣ ба кафедра сафарбаргардидаро дар ҳамоҳангӣ бо аъзои кафедра мавриди муҳокима қарор медиҳад.

12.5. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

12.6. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

12.7. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

12.8. Масъалаҳои марбут ба фаъолияти кафедраро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

12.9. Дар Шӯрои олимон ва шӯроҳои илмӣ-методии факултет, ҷаласаҳои дигар кафедраҳои муассисаи таълимӣ ва комиссияҳои аттестатсияи хатм иштирок ва суханронӣ менамояд.

12.10. Дар ҷаласаҳои кории сохторҳои муассисаи таълимӣ, ки дар онҳо масъалаҳои ба фаъолияти кафедра алоқаманд муҳокима мешаванд, иштирок менамояд.

12.11. Ҷаласаҳои кафедраро таъин ва баргузор менамояд.

12.12. Маҳфилҳо, комиссияҳои методӣ, семинарҳои илмию методӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои ба масъалаҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедра вобастаро ташкил медиҳад.

12.13. Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба нақшаҳои таълимӣ, нақшаҳои кории ихтисосҳои амалкунанда ва масъалаҳои ба самтҳои фаъолияти кафедра алоқаманд, пешниҳод манзур менамояд.

12.14. Нақшаҳои тақвимии кафедра, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ ва тақризҳои кафедраро тасдиқ мекунад.

12.15. Ҳисоби соатҳои кафедраро муайян карда, сарбории таълимӣ ва дастурҳои вазифавиро дар байни ҳайати омӯзгорони кафедра тақсим менамояд.

12.16. Ҳангоми ҷой доштани зарурати истеҳсолӣ вазифаи муовини мудири кафедра ва роҳбари маҳфилро дар асоси ҷамъиятӣ ташкил мекунад.

12.17. Сифат ва иҷрои саривақтии сарбории таълимӣ, уҳдадориҳои вазифавӣ, гузаронидани тамоми шаклҳои корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро аз ҷониби ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра назорат мекунад.

12.18. Интихоб ва ба Шӯрои олимони факултет ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намудани номзадии омӯзгорону кормандонро ба вазифаҳои холӣ амалӣ месозад;

12.19. Тибқи талаботи амалкунанда ҳуҷҷатҳои омӯзгорону кормандонро барои дар кафедра ба кор қабул кардан пешниҳод менамояд;

12.20. Барои додани мукофот ё муҷозот ба ҳайати омӯзгорон ва кормандон ба садорати факултет ва раёсати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳод муроҷиат менамояд;

12.21. Ҷиҳати самаранок ташкил ва гузаронидани корҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва кормандон аз роҳбарони сохторҳои дахлдори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъмин гардонидани кафедраро бо васоити моддию техникӣ ва иттилоотию иртиботӣ талаб мекунад;

12.22. Оид ба масъалаҳои такмили раванди таълим, ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо пешниҳод баромад мекунад;

12.23. Аз ҳайати омӯзгорон ва кормандони кафедра риояи қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, интизоми меҳнат, иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва истифодаи самараноки захираҳои таъминкунандаи фаъолияти кафедраро талаб менамояд.

12.24. Дар машғулиятҳои таълимӣ, инчунин дар раванди имтиҳонҳои омӯзгорони кафедра иштирок мекунад.

12.25. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

12.26. Оид ба фаъолияти кафедра тибқи муқаррароти амалкунанда ҳисобот манзур месозад.

**Низомномаи**
**вазифавии мудири лаборатория**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Мудири лабораторияро мудири кафедра дар мувофиқа бо декани факултет ва ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ, ки на камтар аз 5 сол собиқаи корӣ дар омода намудани мутахассисони равия ва ихтисосҳои кафедра дорад, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

2. Мудири лаборатория дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи факултети муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фармонҳо, Низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

3. Мудири лаборатория қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии соҳавии муассисаи таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, принсипҳои асосии ташкили раванди таълим дар лаборатория, таҷҳизоти лаборатория, дурнамои рушди техникии лаборатория, номгӯи таҷҳизот ва арзишҳои дигари моддии кафедра, стандартҳо, шароити техникӣ оид ба коркард ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои техникӣ, дастурамал ва қоидаи истифодаи таҷҳизоти лабораторӣ, дастгоҳҳо, асбобҳои ченкунии назоратии дар машғулиятҳои лабораторию амалӣ ва корҳои илмию таҳқиқотӣ истифодашаванда, усул ва воситаи иҷрои ҳисобҳои техникӣ, корҳои ҳисобкунӣ ва ҷадвалӣ, тартиб ва қоидаи кор бо дастгоҳҳо ҳангоми корҳои лабораторӣ, қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарии заддисӯхторро дар сатҳи зарурӣ донад.

4. Мудири лаборатория бевосита ба мудири кафедра итоат намуда, роҷеъ ба фаъолияташ дар назди кафедра ҳисобот медиҳад.

## 2. Уҳдадориҳои мудири лаборатория

5. Мудири лаборатория дар доираи уҳдадориҳои худ:

5.1. Мувофиқи нақшаҳои таълимии кафедра машғулиятҳои лабораторию амалиро бо таъмини саривақтии маводи зарурӣ, дастгоҳҳо ва асбобҳои ченкунанда ташкил карда, ҳамзамон хизматрасонии техникӣ ва таъмири ҷории таҷҳизоти илмию таълимиро ташкил мекунад.

5.2. Дар машғулиятҳои албораторӣ бевосита иштирок карда, ба омӯзгор ёрӣ мерасонад.

5.3. Низоми кор бо дастгоҳҳои лабораторияро назорат карда, ҷиҳати ворид намудани дастгоҳҳои нав ва истифодаи онҳо тадбирҳо меандешад.

5.4. Ҷобаҷогузории асбоб ва дастгоҳҳоро мувофиқи қоида ва тартиби техникаи бехатарӣ ва зиддисӯхтор ба роҳ монда, мутобиқати техникии асбобу дастгоҳҳоро бо меъёрҳои истифодаи онҳо мавриди санҷиш қарор медиҳад.

5.5. Ҳолати бехатарии ҷойҳои корӣ, таҷҳизот, асбобҳо ва дастгоҳҳо, ҳамзамон мавҷудияти техникаи бехатариро дар ҳар як ҷойи корӣ назорат менамояд.

5.6. Ҷиҳати баарсмиятдарории асбобу дастгоҳҳои воридшуда ва аз эътибор соқит кардани асбобу дастгоҳҳои муҳлати истифодаашон гузашта чораҳо меандешад.

5.7. Аз ҷониби кормандони кафедра ва донишҷӯён ташкил ва баргузории машғулиятҳои лабораториро бо риояи қоида вам меъёрҳои техникаи бехатарӣ ва зиддисӯхтор назорат мекунад.

5.8. Амру фармоишҳои аз ҷониби раёсати муассисаи таълимӣ ва садорати факултет ба лаборатория воридшударо назорат ва иҷрои саривақтии онҳоро таъмин мекунад.

5.9. Нақшаи рушди пояи лабораторӣи кафедра, ба лаборатория ворид намудани дастгоҳҳо, асбобҳо ва технологияҳои муосири таълим таҳия намуда, ҷиҳати татбиқи он чораҷӯӣ менамояд.

5.10. Таҷдиди назар ва азнавсозии саривақтии васоити тиълимию методӣ, амсила ва овезаҳоро таъмин менамояд.

5.11. Дастурамали вазифаҳои хидматӣ ва техникаи бехатарии кормандони лабораторияро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

5.12. Шахси аз нигоҳи моддӣ масъул буда, дар раванди бақайдгирӣ ва аз эътибор соқит кардани мавод ва воситаҳои асосии кафедра иштирок мекунад.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои мудири лаборатория

6. Мудири лаборатория дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

6.1. Дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои фаъолияти факултет, кори ҷаласаҳои машваратии кафедра вобаста ба ташкили раванди корҳои лабораторӣ иштирок мекунад.

6.2. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

6.3. Дар доираи салоҳияти худ ба кормандони лаборатория дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривктии онҳоро талаб мекунад.

6.4. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ аз роҳбарият кӯмаку дастгириҳои ҳамаҷониба мепурсад.

6.5. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

6.6. Тибқи муқаррарот аз хизматрасониҳои китобхона, фондҳои иттилоотӣ, васоити техники таълим, таҷҳизоти таълимӣ, шабакаи интернет ва ғайра истифода мебарад.

6.7. Истифодаи дастгоҳҳои лабораторияро ҳангоми корношоямӣ, ҳамзамон дар лаборатория риоя нагаштани меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи зиддсӯхтор нигоҳ медорад.

6.8. Аз омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён риояи қоидаҳои бехатарӣ ва зиддисӯхторро таалаб менамояд.

6.9. Дар доираи ваколатҳои худ раванди таълим ва корҳои илмию таҳқиқотии кафедраро ташкил менамояд.

6.10. Омодагии пояи моддию техникии кафедраро барои машғулиятҳои лабораторӣ ва корҳои илмию таҳқиқотӣ ташкил мекунад ва мавриди санҷиш қарор медиҳад.

6.11. Мукаммалӣ ва сифати баргузории машғулиятҳои амалии донишҷӯёнро дар лабораторияҳои кафедра назорат менамояд.

6.12. Лаборатория, устохонаҳо ва иншооти дигари кафедраро бо асбобу дастгоҳҳо маводи масрафшаванда ва шиору овеза ва амсилаҳои таълимӣ муҷаҳҳаз мегардонад.

6.13. Тайёр будани асбобу таҷҳизот, васоити методӣ, адабиёти махсус ва кори васоити техникиро дар раванди машғулиятҳои лабораторӣ ва корҳои илмию таҳқиқотии кафедра назорат менамояд.

6.14. Иҷрои қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва зиддисӯхторро дар раванди машғулиятҳои амалию лабораторӣ аз ҷониби кормандони лаборатория ва донишҷӯён назорат менамояд.

6.15. Ба коркарди усулҳои нав ва такмили усулҳои амалкунандаи таҳқиқотҳои лабораторӣ роҳбарӣ менамояд.

6.16. Ҳар сол асбобу анҷом ва таҷҳизоти лабораторияро ба рӯихат мегирад.

6.17. Баҳисобгирӣ ва истифодаи оқилонаи васоити моддию техникии лабораторияро ташкил ва назорат мекунад.

6.18. Ҳуҷҷатгузории лабораторияро тибқи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ташкил карда, онро пеш мебарад.

**Низомномаи**

**вазифавии лаборанти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

Низомномаи мазкур дар заминаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Лаборанти кафедра ба гурӯҳи мутахассисон дохил мешавад.

2. Ба вазифаи лаборанти кафедра шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ бе собиқаи корӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо собиқаи кори на камтар аз дусола бошад.

3. Лаборанти кафедра бо пешниҳоди роҳбари сохтори таркибӣ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

4. Лаборанти кафедра бояд дар бораи маводи меъёрию иттилоотӣ, ки ба самти фаъолияташ дахл дорад, стандартҳои амалкунанда ва шароити техникӣ барои коркарди ҳуҷҷатҳои техникӣ, тартиби барасмиятдарории онҳо, таҷҳизоти лабораторӣ, дастгоҳҳои назоратию ченкунӣ ва тартиби истифодаи онҳо, усул ва васоити иҷрои ҳисобҳои техникӣ, корҳои ҷадвалӣ ва ҳисобкунӣ, тартиби истифодаи техникаи ҳисобкунӣ, асосҳои ташкили меҳнат ва истеҳсолот, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва зиддисӯхтор тааccуроти комил дошта бошад.

5. Лаборанти кафедра фаъолияти худро мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинннома ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

6. Лаборанти кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои лаборанти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

**7.** Лаборанти кафедра дар доираи уҳдадориҳои худ:

7.1. Ҳолати коршоямии таҷҳизот ва мувофиқати онро ба талаботи техникаи бехатарӣ назорат мекунад ва тозагӣ ва шароити кориро муҳайё сохта, барои техникаи зиддсӯхтор ҷавобгар мебошад.

7.2. Таҷҳизоти лабораториро ҳангоми зарурат ба кор медарорад.

7.3. Таҷҳизот (асбоб, дастгоҳ)-ро барои гузаронидани озмоишҳо омода месозад, коршоямии онро санҷида, тибқи дастурамал онро ба танзим медарорад.

7.4. Ҳангоми гузаронидани озмоишҳо иштирок карда, кӯмак мерасонад, раванди озмоишҳоро назорат карда, нишондиҳандаи асбобҳоро ба қайд мегирад.

7.5. Кормандони кафедраро бо таҷҳизоту асбоб ва маводи дигари зарурӣ таъмин менамояд.

7.6. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои методӣ натиҷаи таҳлил, озмоиш ва ченкуниҳоро коркард карда, ба низом ва расмият медарорад. Онҳоро ба ҳисоб мегирад.

7.7. Маълумоти заруриро аз адабиёт, манбаъҳои рефферативӣ ва иттилоотӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии техникӣ мувофиқи вазифаҳои муқарраршуда интихоб менамояд.

7.8. Вобаста ба озмоишҳо ва таҳқиқотҳои иҷрошаванда корҳои гуногуни ҷадвалӣ ва ҳисобкунӣ анҷом медиҳад.

7.9. Дар таҳия ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои техникии корҳои иҷрошуда иштирок мекунад.

7.10. Бо дастури мудири кафедра ё мудири лаборатория ҳама гуна корҳои вобаста ба таҷдиди пояи лаборатория, таъмири лабораторияҳои таълимӣ ва омодасозии онҳо ба соли таҳсил, инчунин таҳия ва коркарди адстурҳои таълимӣ ва таълимию методӣ ва овезаҳоро таҳти роҳбарии омӯзгорони кафедра иҷро менамояд. Дар ташкил ва таҷдиди айёнияти кафедра фаъолона ширкат меварзад.

7.11. Дастурҳои алоҳидаи хидматии мудири лабораторияро иҷро менамояд.

## 3. **Ҳуқуқ ва вазифаҳои лаборанти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

8. Лаборанти кафедра дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

8.1. Бо лоиҳаҳои фармоишҳои роҳбари муассисаи таълимӣ, ки ба фаъолияти кори ӯ вобаста аст, шинос мешавад.

8.2. Ба баррасии роҳбарияти кафедра оид ба такмили кор ва уҳдадориҳои вазифавии худ, ки дар низомномаи мазкур пешбинӣ шудааст, таклифҳо пешниҳод намояд.

8.3. Оид ба тамоми норасоиҳо, ки ҳангоми фаъолияти корӣ дар муассисаи таълимӣ ва сохторҳои таркибии он мушоҳида менамояд, мудири лабораторияро хабардор карда, ҷиҳати ислоҳи ин камбудиҳо таклиф пешниҳод менамояд.

8.4. Аз роҳбарияти муассисаи таълимӣ барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ кӯмаку дастгирӣ мепурсад.

8.5. Барои пешбурди фаъолияти корӣ аз кормандони сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ ҳуҷҷат ва иттилооти зарурӣ талаб менамояд.

8.6. Аз хизматгузории китобхона, марказҳои интернетӣ, фондҳои иттилоотии қисмҳои таълим ва илм, инчунин аз хизматгузориҳои сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ тибқи тартиботи муқарраргардида ройгон истифода мебарад.

## Низомномаи
## вазифавии ассистенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

Низомномаи мазкур дар заминаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи асасистенти кафедраи муассисаи таълимӣ ба фаъолияти хидматии ҳайати омӯзгорон тааллуқ дорад.

2. Ба вазифаи ассистент шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олии касбӣ, ва собиқаи кори илмӣ-омӯзгории на камтар аз яксола бошад. Номзади илм бе собиқаи кории илмию омӯзгорӣ метавонад ба вазифаи ассистент таъин шавад.

3. Бо ассистенти кафедра мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таълимӣ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Озодкунии ассистенти кафедра аз вазифа низ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ дар асоси муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Ассистенти кафедра бояд доир ба мазмун ва меъёрҳои ташкили ҷараёни таълим дар муассисаи таълимӣ, умуман доир ба фанни таълимӣ, тартиби мураттаб сохтани барномаҳои намунавӣ ва корӣ, дастурҳои таълимию методӣ, низоми ҳуҷҷатгузорӣ доир ба раванди таълим, педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими касбӣ, шакл ва усулҳои ҳозира-замони таълим ва тарбияи донишҷӯён, усул ва меъёри ҳифзи меҳнат, ҳифзи бехатарӣ ва зидди сӯхтор тааccypоти мукаммал дошта бошад.

5. Ассистенти кафедра дар пешбурди фаъолияти худ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномa ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур амал менамояд.

6. Ассистенти кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои асситенти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

7. Ассистенти кафедра дар доираи уҳдадориҳои худ:

9.1. Оинномаи муассисаи таълимӣ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии муассисаи таълимӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, тартиботи истеҳсолӣ ва молиявиро риоя карда, ба уҳдадориҳои хизматии худ софдилона муносибат менамояд.

7.2. Моликияти муассисаи таълимиро ҳифз намуда, ахбор ва маълумотро, ки хусусияти тиҷоратӣ ё дигар дошта бошад, фош намесозад.

7.3. Тибқи намунаи муайянгардида нақшаи инфиродӣ таҳия месозад. Нақшаи инфиродии омӯзгор ҳуҷҷати асосӣ ба шумор рафта, мазмуни солонаи фаъолияти ӯро муайян мекунад. Ҷиҳати иҷрои сарбории таълимӣ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод менамояд.

7.4. Иҷрои сарбории таълимӣ (сарбории фаъоли асситеннт 17 кердит (408 соат), сарбории умумии аудиторӣ барои асситенти дорои дараҷаи илмӣ- на камтар аз 25 кредит (600 соат) соат ва асситенти беунвон - на камтар аз аз 26 кредит (624 соат)) ва таъмини иҷрои ҳамаи намуд ва шаклҳои корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, ки дар нақшаи инфиродӣ ба назар гирифта шудааст.

7.5. Таълими донишҷӯёнро мувофиқи талаботи ҳадди ақалли мазмуну мундариҷаи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ оид ба ихтисосҳои роиҷи донишгоҳӣ ба роҳ монда, корҳои мустақилонаи онҳоро ташкил ва назорат мекунад.

7.6. Бо истифодаи шакл, усул ва воситаҳои нисбатан самараноки таълим, технологияи нави омӯзгорӣ самаранокии ҷараёни омӯзгорӣ ва илмиро дар асоси технологияи ҳозиразамони омӯзгорӣ ва иттилоотӣ таъмин намуда, истифодаи натиҷаҳои тадқиқотҳои илмиро такмил медиҳад.

7.7. Бо тамоми маҳорати касбӣ ва ҷамъиятии худ дар замири донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавӣ, ҳисси ҳурмат нисбат ба қонунҳо ва ватандӯстиро вусъат мебахшад.

7.8. Дар коркарди барномаҳои намунавии таълимӣ, корӣ, дастурҳои таълимию методӣ иштирок намуда, барои татбиқи амалии онҳо (дар ҳаҷми пурра мувофиқ бо нақшаҳои таълимӣ ва ҷадвали ҷараёни таълим) уҳдадор мебошад.

7.9. Дар тайёр намудани маводи дидактикӣ ва илмӣ-методӣ аз рӯи курсҳои фанҳои таълимии кафедра, банақшагирӣ, таҳияи мақолаҳо, корҳои озмоишӣ аз рӯи яке аз самтҳои таҳқиқот бо таҳлили натиҷаҳо ва тайёр кардани онҳо ба нашр иштирок мекунад.

7.10. Бо риояи ҳуқуқ ва озодиҳои донишҷӯён корҳои мустақилонаи онҳоро ба нақша гирифта, роҳбарии онҳоро амалӣ месозад.

7.11. Тартиботи раванди таълимро риоя ва ҳолати давомоти донишҷӯёнро ба машғулиятҳои дарсӣ назорат мекунад.

7.12. Дар сатҳи илмию назариявӣ мунтазам ихтисоси худро такмил медиҳад.

7.13. Ба корҳои илмию тадқиқотии донишҷӯён (кори курсӣ, рисолаи хатм, реферат, маърӯза ва ғайра) аз рӯи масъалаҳое, ки ба самти фаъолияти илмиаш робита дорад, роҳбарӣ мекунад.

7.14. Ба комёбиҳои таълимии донишҷӯён бо истифода аз технологияи иртиботӣ ва иттилоотии баҳодиҳӣ, чун имтиҳони хаттӣ, тестӣ ва ғайра воқеъбинона баҳогузорӣ менамояд.

7.15. Дар ҳамкорӣ бо омӯзгоре, ки машғулиятҳои лексионӣ мебарад, банақшагирӣ, коркард, ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ, семинарӣ ва коллоквиумҳоро таъмин сохта, аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ – маърифатии донишҷӯён бо истифодаи технологияҳои муосири омӯзгорӣ назоратро амалӣ менамояд.

7.16. Бо супориши мудири кафедра дар омодасозӣ ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун, конференсияҳои назариявию амалӣ, олимпиадаи донишҷӯён ва довталабон, гузаронидани корҳо оид ба тамоюли касбии ҷавонон ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин ба шӯъбаҳои тайёрӣ иштирок мекунад.

7.17. Дар маҷлисҳои кафедра ширкат варзида, тибқи нишондоди маҷлисҳои коллективи меҳнатӣ, инчунин дар ҳолати интихоб шудан ё интихоб намудан ба сифати вакил ба конференсияҳои кормандони илмию омӯзгорӣ ва дигар категорияҳои кормандон ва таълимгиранда-гони Донишгоҳ дар ҷаласаҳои конференсия иштирок ва пешниҳодҳо манзур месозад.

7.18. Супоришҳои алоҳидаи ректор, муовинони ректор, декани факултет ва мудири кафедраро дар чорчӯбаи ӯҳдадориҳои меҳнатии худ иҷро мекунад.

7.19. Талаботро оид ба ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, беҳдошти истеҳсолӣ ва бехатарии зидди сухтор риоя менамояд.

7.20. Донишҷӯёнро ба корҳои таҳқиқотӣ ҷалб намуда, ба онҳо дар банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани корҳои илмӣ ва таълимӣ-таҳқиқотӣ ёрӣ мерасонад ва дар кори ташкили ҳафтаи илм, олимпиадаи донишҷӯён, озмунҳои корҳои илмии донишҷӯён роҳбарии таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии донишҷӯён ширкат меварзад.

7.21. Ба донишҷӯён дар танзим ва татбиқи нақшаҳои инфиродии таълимӣ, ташкили таҷрибаомӯзии муошırати ахлоқӣ (ёрии ҳамдигарӣ, ҳамкорӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) кӯмак расонида, дар ташкили чорабиниҳои беруназаудиторӣ, ки дорои хусусиятҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд, ширкат меварзад.

7.22. Усулҳои технологияҳои нави омӯзгориро меомӯзад ва дар фаъолияти омӯзгории худ истифода менамояд.

7.23. Дар давоми 5 сол ассистент (омӯзгор) бояд 1 кори илмӣ ва 1 коркарди таълимӣ-методӣ аз чоп барорад.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои асситенти кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Ассистенти кафедра дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

10.1. Ба мудири кафедра вобаста ба масъалаҳои фаъолияти худ дархост ирсол мекунад, дар муҳокимаи фаъолияти кафедра, факултет, Донишгоҳ иштирок намуда, доир ба масъалаҳои гуногун пешниҳод манзур месозад.

10.2. Усулҳо ва воситаҳои нави таълимро, ки ба хусусиятҳои инфиродии ӯ нисбатан пурра мувофиқ буда, сифати баланди таълимро таъмин менамояд, интихоб мекунад.

10.3. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавиаш аз роҳбарият ва кормандони қисмҳои сохторӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳо талаб менамояд.

10.4. Ба дастуру супоришҳои раёсати муассисаи таълимӣ тибқи тартиботи муқарраршудаи қонунгузории амалкунанда норизоӣ баён намояд.

10.5. Аз хизматгузории китобхона, марказҳои интернетӣ, фондҳои иттилоотии қисмҳои таълим ва илм, инчунин аз хизматгузориҳои сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ тибқи тартиботи муқарраргардида ройгон истифода мебарад.

10.6. Дар ҷараёни фаъолияти омӯзгорӣ обйектҳои моликияти зеҳнӣ бунёд месозад ва аз раёсати муассисаи таълимӣ соҳибҳуқуқии муаллифро ба обйектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ офарида шудааст, талаб менамояд, агар дар фармоиши хизматӣ чизи дигар пешбинӣ нашуда бошад.

10.7. Дар ҷаласаҳои кафедра, Шӯрои олимон, Шӯрои илмӣ-методӣ, садорат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. ширкат меварзад.

## Низомномаи вазифавии муаллими калони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

Низомномаи мазкур дар заминаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикис-тон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии

касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи муаллими калони муассисаи таълимӣ ба фаъолияти хидматии ҳайати омӯзгорон дахл дошта, он бо сабаби нарасидани мутахассисони дараҷаи илмидоштаи илмию омӯзгорӣ дар кафедраҳои муассисаи таълимӣ ва машғулиятҳои лексионии аз меъёр зиёдро ба дӯш доштани дотсентону профессорон таъсис дода мешавад.

2. Ба вазифаи муаллими калон шахсе интихоб карда мешавад, ки собиқаи кори илмӣ-омӯзгории на камтар аз панҷсола дошта бошад. Ба ин вазифа маъмулан танҳо барои як давр аз ҷумлаи ассистент (ва ё муаллим)-они баландихтисос интихоб мегардад, ки дар сатҳи баланди ғоявию назариявӣ курси лексия ва дигар машғулиятҳои дарсиро барад ва фаъолияти илмию таҳқиқотиро бо муваффақият давом дода, дар муддати як давраи интихобшудааш рисолаи илмии номзадии хешро барои ҳимоя омода намояд. Дар сурати баъди рисолаи номзадиро ҳимоя кардан ба ин вазифа интихоб шудан дар ин муҳлат бояд на камтар аз ду дастури таълимию методӣ таҳия ва ба нашр расонида, ҳангоми дар кафедра ҷой доштани вазифаи дотсентӣ дар озмуни ишғоли вазифаи дотсентӣ иштирок намояд.

3. Бо муаллими калон, ки дар асоси озмун интихоб шудааст, мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таълимӣ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Дар ҳолати интихоб шудани номзад ба вазифаи муаллими калон, тасдиқи он ба ин вазифа (қабул ба кор) тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ амалӣ мешавад. Озодкунии муаллими калон аз вазифа низ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ дар асоси муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Пас аз ба анҷом расидани муҳлат (тибқи интихобот) муаллими калон мутобиқи талаботи «Низомномаи аттестатсияи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарикунандаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз аттестатсия ва интихобот гузашта, ба муҳлати дуюм танҳо дар мав-ридҳои истисноӣ, аз қабили рисолаи илмии номзадӣ, беморӣ, ҷалб гаштан ба кори интихобот, хусусиятҳои кафедра (кафедраҳои тарбияи ҷисмонӣ, тайёрии тиббӣ, тиббӣ-ташхисӣ, мудофиаи гражданӣ) ва дар сурати бо сифати баланд гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, корҳои илмию методӣ ва тарбиявӣ бо донишҷӯён ва ғайра метавонад дар озмуни ишғоли вазифа иштирок намояд.

5. Муаллими калони кафедраҳои муассисаи таълимӣ, ки дар як муҳлати интихобӣ рисолаи илмии номзадиашро барои ҳимоя пешниҳод намекунад, баробари ба анҷом расидани муҳлат бо тавсияи Комиссияи аттестатсионии муассисаи таълимӣ (бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ) ба вазифаи ассистенти кафедра пешниҳод карда мешавад.

6. Муаллими калон бояд доир ба мазмун ва меъёрҳои ташкили ҷараёни таълим дар Донишгоҳ, умуман доир ба фанни таълимӣ, тартиби мураттаб сохтани барномаҳои намунавӣ ва корӣ, дастурҳои таълимию методӣ, низоми ҳуҷҷатгузорӣ доир ба раванди таълим, педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими касбӣ, шакл ва усулҳои ҳозира-замони таълим ва тарбияи донишҷӯён, усул ва меъёри ҳифзи меҳнат, ҳифзи бехатарӣ ва зидди сӯхтор таассуроти мукаммал дошта бошад.

7. Муаллими калон дар пешбурди фаъолияти худ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур амал менамояд.

8. Муаллими калони кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои муаллими калони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

9. Муаллими калон дар доираи уҳдадориҳои худ:

9.1. Оинномаи муассисаи таълимӣ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии муассисаи таълимӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, тартиботи истеҳсолӣ ва молиявиро риоя карда, ба уҳдадориҳои хизматии худ софдилона муносибат менамояд.

9.2. Моликияти муассисаи таълимиро ҳифз намуда, ахбор ва маълумотро, ки хусусияти тиҷоратӣ ё дигар дошта бошад, фош намесозад.

9.3. Талаботро оид ба ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ, беҳдошти истеҳсолӣ ва бехатарии зидди сухтор риоя менамояд.

9.4. Тибқи намунаи муайянгардида нақшаи инфиродӣ таҳия месозад. Нақшаи инфиродии омӯзгор ҳуҷҷати асосӣ ба шумор рафта, мазмуни солонаи фаъолияти ӯро муайян мекунад. Ҷиҳати иҷрои сарбории таълимӣ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод менамояд.

9.5. Иҷрои сарбории таълимӣ (сарбории фаъоли муаллими калон 15 кердит (360 соат), сарбории умумии аудиторӣ барои муаллими калони дорои дараҷаи илмӣ- на камтар аз 24 кредит (576 соат) соат ва муаллими калони беунвон - на камтар аз аз 25 кредит (600 соат)) ва таъмини иҷрои ҳамаи намуд ва шаклҳои корҳои таълимию методӣ, тарбиявӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, ки дар нақшаи инфиродӣ ба назар гирифта шудааст.

9.6. Таълими донишҷӯёнро мувофиқи талаботи ҳадди ақалли мазмуну мундариҷаи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ оид ба ихтисосҳои роиҷи донишгоҳӣ ба роҳ монда, корҳои мустақилонаи онҳоро ташкил ва назорат мекунад.

9.7. Бо истифодаи шакл, усул ва воситаҳои нисбатан самараноки таълим, технологияи нави омӯзгорӣ самаранокии ҷараёни омӯзгорӣ ва илмиро дар асоси технологияи ҳозиразамони омӯзгорӣ ва иттилоотӣ таъмин намуда, истифодаи натиҷаҳои тадқиқотҳои илмиро такмил медиҳад.

9.8. Дар ниҳоди донишҷӯён вобаста ба самти ихтисос дониш, малака ва маҳорати касбиро ташаккул дода, онҳоро барои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявиашон омода мекунад.

9.9. Дар коркарди барномаҳои намунавии таълимӣ, корӣ, дастурҳои таълимию методӣ иштирок намуда, барои татбиқи амалии онҳо (дар ҳаҷми пурра мувофиқ бо нақшаҳои таълимӣ ва ҷадвали ҷараёни таълим) уҳдадор мебошад.

9.10. Барномаи таълимӣ ва кории фанни таълимии худро мувофиқи талаботи муайян ва дар мӯҳлати муқарраршуда мураттаб ва таҷдиди назар месозад.

9.11. Бо риояи ҳуқуқ ва озодиҳои донишҷӯён корҳои мустақилонаи онҳоро ба нақша гирифта, роҳбарии онҳоро амалӣ месозад.

9.12. Тартиботи раванди таълимро риоя ва ҳолати давомоти донишҷӯёнро ба машғулиятҳои дарсӣ назорат мекунад.

9.13. Ба донишҷӯён тибқи реҷаи кории кафедра соатҳои машваратӣ мегузаронад.

9.14. Дар сатҳи илмию назариявӣ мунтазам ихтисоси худро такмил медиҳад.

9.15. Ба корҳои илмию тадқиқотии донишҷӯён (кори курсӣ, рисолаи хатм, реферат, маърӯза ва ғайра) аз рӯи масъалаҳое, ки ба самти фаъолияти илмиаш робита дорад, роҳбарӣ мекунад.

9.16. Корҳои илмию тадқиқотӣ ташкил ва дараҷаи баланди илмӣ, роҳбарӣ ва ҷалби донишҷӯёнро ба ин корҳо таъмин менамояд.

9.17. Ба комёбиҳои таълимии донишҷӯён бо истифода аз технологияи иртиботӣ ва иттилоотии баҳодиҳӣ, чун имтиҳони хаттӣ, тестӣ ва ғайра воқеъбинона баҳогузорӣ менамояд.

9.18. Дастурҳои таълимӣ-методиро доир ба фанни таълимӣ таҳия менамояд ва ҷиҳати кумак ба донишҷӯён маводи методӣ таҳия ва коркард мекунад.

9.19. Дар раванди фаъолияти худ мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар кафедра ва конференсияҳо, матнҳои лексия (ёддошт-конспект), маҷмӯа барои дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ, нашрҳои видеоӣ, лексияҳои телевизионӣ, дигар маводи таълимию методӣ, аз ҷумла, маводи методӣ доир ба иҷрои корҳои курсӣ ва корҳои хатмкунии ихтисосӣ таълиф ва таҳия менамояд.

9.20. Бо супориши мудири кафедра дар омодасозӣ ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун, конференсияҳои назариявию амалӣ, олимпиадаи донишҷӯён ва довталабон, гузаронидани корҳо оид ба тамоюли касбии ҷавонон ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин ба шӯъбаҳои тайёрӣ иштирок мекунад.

9.21. Дар маҷлисҳои кафедра ширкат варзида, тибқи нишондоди маҷлисҳои коллективи меҳнатӣ, инчунин дар ҳолати интихоб шудан ё интихоб намудан ба сифати вакил ба конференсияҳои кормандони илмию омӯзгорӣ ва дигар категорияҳои кормандон ва таълимгиранда-гони Донишгоҳ дар ҷаласаҳои конференсия иштирок ва пешниҳодҳо манзур месозад.

9.22. Супоришҳои алоҳидаи ректор, муовинони ректор, декани факултет ва мудири кафедраро дар чорчӯбаи ӯҳдадориҳои меҳнатии худ иҷро мекунад.

9.23. Ба мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ, мактабҳои миёнаи махсусу касбӣ-техникӣ кӯмаки таълимию методӣ мерасонад.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои муаллими калони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Муаллими калон дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

10.1. Бо тартиби муқарраршуда дар Шӯрои олимони Донишгоҳ ва факултет (кафедраҳои умумидонишгоҳӣ) интихоб мешавад.

10.2. Ба мудири кафедра вобаста ба масъалаҳои фаъолияти худ дархост ирсол мекунад, дар муҳокимаи фаъолияти кафедра, факултет, Донишгоҳ иштирок намуда, доир ба масъалаҳои гуногун пешниҳод манзур месозад.

10.3. Мазмуни курсҳои таълимиро мувофиқи талаботи ҳадди ақалли мазмуну мундариҷаи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ оид ба ихтисосҳои роиҷи донишгоҳӣ муайян мекунад.

10.4. Усулҳо ва воситаҳои нави таълимро, ки ба хусусиятҳои инфиродии ӯ нисбатан пурра мувофиқ буда, сифати баланди таълимро таъмин менамояд, интихоб мекунад.

10.5. Барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавиаш аз роҳбарият ва кормандони қисмҳои сохторӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳо талаб менамояд.

10.6. Ба дастуру супоришҳои раёсати Донишгоҳ тибқи тартиботи муқарраршудаи қонунгузории амалкунанда норизоӣ баён намояд.

10.7. Аз хизматгузории китобхона, марказҳои интернетӣ, фондҳои иттилоотии қисмҳои таълим ва илм, инчунин аз хизматгузориҳои сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ тибқи тартиботи муқарраргардида ройгон истифода мебарад.

10.8. Дар ҷараёни фаъолияти омӯзгорӣ обйектҳои моликияти зеҳнӣ бунёд месозад ва аз раёсати Донишгоҳ соҳибҳуқуқии муаллифро ба обйектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ офарида шудааст, талаб менамояд, агар дар фармоиши хизматӣ чизи дигар пешбинӣ нашуда бошад.

10.9. Дар ҷаласаҳои кафедра, Шӯрои олимон, Шӯрои илмӣ-методӣ, садорат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. ширкат меварзад.

**Низомномаи**
**вазифавии дотсенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи дотсенти муассисаи таълимӣ ба фаъолияти хидматии ҳайати омӯзгорон дохил мешавад.

2. Ба вазифаи дотсент шахсе интихоб карда мешавад, ки собиқаи кори илмӣ-омӯзгории на камтар аз панҷсола дошта бошад. Унвони илмии дотсент (ходими калони илмӣ) –и кафедра ва дараҷаи доктори илм дошта бошад. Дорои дараҷаи номзади илм, собиқаи кории илмию омӯзгории на камтар аз 5 сол, ва мақолаҳои илмӣ ва дастурҳои таълимию методӣ бошад, ки дар 3 соли охир нашр шудаанд.

3. Бо дотсент, ки дар асоси озмун интихоб шудааст, мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таълимӣ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Дар ҳолати интихоб шудани номзад ба вазифаи дотсент, тасдиқи он ба ин вазифа (қабул ба кор) тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ амалӣ мешавад. Озодкунии дотсент аз вазифа низ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ дар асоси муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Ҳаҷми сарбории таълимии дотсент, ки бо нақшаи инфиродӣ пешбинӣ гардидааст, дар ҳаҷми на зиёда аз 24 кредит (576 соат) дар як соли таҳсил муайян карда мешавад. Сарбории таълимӣ дар мувофиқа бо нақшаи инфиродии кори омӯзгор, қарори кафедра, нақшаи таълимӣ ва штатҳои ҷудокардашудаи ҳайати омӯзгорон муайян карда мешавад. Баҳисобгирии солонаи сарборӣ аз ҷониби мудири кафедра тасдиқ карда мешавад.

5. Дар давраи кор аз рӯи шартнома (бо шарти он ки агар шартнома ба муҳлати то 5 сол баста шуда бошад) бояд тибқи тартиби муайянгардида на кам аз 100 соат машғулияти лексионӣ гузарад, на кам аз 5 кори илмӣ (мақолаҳо ва ихтироот) ва 1 воситаи таълимӣ аз рӯи курси лексионӣ, ки таълим медиҳад, ба табъ расонад, ба 4 кори курсӣ ва ё кори хатм ва ё магистрии донишҷӯён роҳбарӣ кунад, инчунин бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ -амалии донишгоҳӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ баромад намояд.

6. Дотсент дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо, Низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, мудири кафедра, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

7. Дотсент бояд доир ба мазмун ва меъёрҳои ташкили чараёни таълим дар муассисаи таълимӣ, умуман доир ба фанни таълимӣ, тартиби мураттаб сохтани барномаҳои намунавӣ ва корӣ, дастурҳои таълимию методӣ, низоми ҳуҷҷатгузорӣ доир ба раванди таълим, педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими касбӣ, шакл ва усулҳои ҳозира-замони таълим ва тарбияи донишҷӯён, усул ва меъёри ҳифзи меҳнат, ҳифзи бехатарӣ ва зидди сӯхтор таассуроти мукаммал дошта бошад.

8. Дотсенти кафедра дар пешбурди фаъолияти худ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома ва дигар санадҳои дохилии муассисаи таълимӣ ва низомномаи мазкур амал менамояд.

9. Дотсенти кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

## 2. Уҳдадориҳои дотсенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Дотсент дар доираи уҳдадориҳои худ:

10.1. Дар коркарди консепсия ва стратегияи рушди таҳсилоти олии касбӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки аз ҷониби кафедра дар зинаҳои бакалавриат ва магистратура татбиқ мешавад, ширкат меварзад.

10.2. Курсҳои лексионӣ, машғулиятҳои амалӣ, семинарҳо, коллоквиумҳо, машваратҳо, санҷишҳо, муҳосибаҳо ва имтиҳонҳо мегузаронад.

10.3. Ба таҷрибаомӯзиҳои донишҷӯён роҳбарӣ мекунад.

10.4. Дар кори комиссияи аттестатсияи давлатии донишҷӯён, қабули имтиҳони дохилшавӣ ба магистратура, докторантура PhD, аспирантура, шӯроҳои ҳимояи рисолаи номзадӣ ширкат меварзад.

10.5. Ба корҳои таҳқиқотии бунёдӣ ва амалии яке аз самтҳои кафедра, корҳои таҳқиқотии омӯзгорони ҷавони кафедра (ассистентон ва муаллимони калон), донишҷӯён ва тайёр намудани ҳисоботу нашри натиҷаҳои таҳқиқот роҳбарӣ мекунад.

10.6. Аз рӯи фанҳои таълимие, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудаанд, барномаи таълимӣ таҳия менамояд ва машғулиятҳои лексионӣ мегузарад.

10.7. Сифати баргузории ҳама гуна машғулиятҳои дарсиро, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудааст, аз ҷониби омӯзгорони кафедра назорат мекунад.

10.8. Дар корҳои илмию методии кафедра дар ҳайати комиссияи методӣ аз рӯи ихтисосҳо ё шӯрои илмию методии факултет иштирок мекунад.

10.9. Корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯёнро ташкил ва ба он роҳбарӣ намуда, дар кори ҷамъияти илмии донишҷӯён ширкат меварзад ва барои ҷалби донишҷӯён ҷиҳати иштирок дар корҳои таҳқиқотӣ тадбирҳо меандешад.

10.10. Дар такмили ихтисоси ҳайати кормандони кафедра иштирок намуда, ба омӯзгорони ҷавон баҳри ҳосил намудани малакаҳои омӯзгорӣ ва маҳоарти касбӣ кӯмак расонад.

10.11. Корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро вобаста ба фанни таълимие, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудааст, тарҳрезӣ ва иҷрои онро назорат менамояд.

10.12. Қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва зиддисӯхторро риоя менамояд.

10.13. Дар таҳкими пояи моддию техникии кафедра ширкати фаъолона менамояд.

10.14. Дар ташкили чорабиниҳои беруназаудиторӣ, ки дорои характери таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд, ширкат меварзад.

10.15. Дар замири донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавиро ташаккул медиҳад.

10.16. Ба ташаккули шаҳрвандӣ ва касбии шахсияти донишҷӯён мусоидат мекунад.

10.17. Барои такмили ихтисос ва корҳои илмию омӯзгории худ тадбирҳо меандешад.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои дотсенти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

11. Дотсенти кафедра дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

11.1. Ба шӯрои олимони факултет ва муассисаи таълимӣ интихоб шавад ё интихоб менамояд.

11.2. Дар фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ, ки масъалаҳои вобаста ба фаъолияти кафедра муҳокима ва баррасӣ мешаванд, иштирок менамояд.

11.3. Вобаста ба тағйир ва такмил додани нақшаи кори кафедра, барномаҳои корӣ ва маводи дигари таълимии кафедра ва тасдиқи онҳо ба мудири кафедра пешниҳодҳо манзур месозад.

11.4. Ба муҳокимаи кафедра вобаста ба такмили корҳои атълимӣ, таълимию методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.

11.5. Ҳама гуна машғулиятҳои дарсии вобаста ба фанҳои ба уҳдаи ӯ вогузоршударо, ки аз ҷониби омӯзгорони кафедра таълим дода мешавад, назорат карда, вобаста ба зарурат ҷиҳати беҳтар шудани сифати машғулиятҳои дарсӣ таклифҳо манзур месозад.

11.6. Тибқи муқаррароти ҷорӣ ҳайати омӯзгорон, ҳайати кормандони техникию ёрирасон, донишҷӯён, ҳамчунин кормандони кафедраҳои дигарро ба иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷалб менамояд.

11.7. Ба корҳои илмии аспирантоон ва унвонҷӯён роҳбарӣ менамояд.

11.8. Ҷиҳати ҳавасмандсозии донишҷӯён ва аспирантон барои комёбиҳо ва иштироки фаъолона дар корҳои илмию таҳқиқотӣ ба мудири кафедра пешниҳод менамояд.

11.9. Усул ва васоити таълимро интихоб ва маводи таълимиро аз рӯи методикаи худ баён мекунад, барои таҳқиқоти илмӣ мавзӯъ ва усули таҳқикро низ худ интихоб менамояд.

11.10. Ҳайати кормандони техникию ёрирасон, инчунин аспирантону донишҷӯёни кафедраро ба корҳои вобаста ба ташкил ва таъмини раванди таълим,

омодасозии фонди аудиторӣ ба соли таҳсил, азнавҷиҳозонидани лабораторияҳои кафедра ҷалб менамояд.

11.11. Аз ҳамагуна хадамоти амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода мекунад.

11.12. Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат меварзад.

11.13. Тибқи қонунҳои амалкунанда ба амру фармоишҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо ариза муроҷиат мекунад.

**Низомномаи**
**вазифавии профессори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ**

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрииии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Вазифаи профессори муассисаи таълимӣ ба фаъолияти хидматии ҳайати омӯзгорон дохил мешавад.

2. Ба вазифаи профессор шахсе интихоб карда мешавад, ки собиқаи кори илмӣ-омӯзгории на камтар аз панҷсола ва дараҷаи докори илм аз рӯи самти кафедра дошта бошад.

Ба таври истисно ба вазифаи профессор мутахассисони баландихтисос, ки дараҷаи номзади илм, таҷриба ва собиқаи калони кории илмӣ-омӯзгорӣ (на кам аз 10 сол) доранд, қабул карда мешаванд.

3. Бо профессори кафедра, ки дар асоси озмун интихоб шудааст, мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаи таълимӣ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад. Дар ҳолати интихоб шудани номзад ба вазифаи профессор, тасдиқи он ба ин вазифа (қабул ба кор) тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ амалӣ мешавад. Озодкунии профессор аз вазифа низ тибқи фармоиши ректори муассисаи таълимӣ дар асоси муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

4. Дар давраи фаъолияти корӣ аз рӯи шартнома (бо шарти он ки агар шартнома то 5 сол баста шуда бошад) бояд аз рӯи тартиби муайянгардида на кам аз 100 соат машғулияти лексионӣ гузарад, на кам аз 5 кори илмӣ (мақолаҳо ва ихтироот) ё монография ва 1 воситаи таълимӣ аз рӯи курси лексионӣ, ки таълим медиҳад, ба табъ расонад, ба 5 кори курсӣ ва ё рисолаи хатм ё магистрии донишҷӯён роҳбарӣ намояд, 2 нафар аспиранте, ки роҳбариашро ба уҳда гирифтааст, ҳимоя карда бошад, инчунин бо маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ баромад намояд.

5. Ҳаҷми сарбории таълимии дотсент, ки бо нақшаи инфиродӣ пешбинӣ гардидааст, дар ҳаҷми на зиёда аз 23 кредит (552 соат) дар як соли таҳсил муайян карда мешавад. Сарбории таълимӣ дар мувофиқа бо нақшаи инфиродии кори омӯзгор, қарори кафедра, нақшаи таълимӣ ва штатҳои ҷудокардашудаи ҳайати омӯзгорон муайян карда мешавад. Баҳисобгирии солонаи сарборӣ аз ҷониби мудири кафедра тасдиқ карда мешавад.

6. Профессор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии

таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳо, Низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармоишҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муовинони он, декани факултет, мудири кафедра, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

7. Профессори кафедра бояд дар бораи қонунҳо, қарорҳои ҳукумати ҷумҳурӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳсилоти олии касбӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, назария ва усулҳои идораи низоми таҳсилот, стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, тартиби таҳияи нақшаҳои таълимӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, бонақшагирӣ ва ташкили ҳама гуна машғулиятҳои дарсӣ ва корҳои таълимӣ, ташкили корҳои илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ асосҳои қонунгузории меҳнат ва маъмурӣ, қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва зиддисӯхтор тааccуроти комил дошта бошад.

8. Профессори кафедра дар мавриди иҷрои вазифаҳои хидматӣ дар назди мудири кафедра, садорати факултет ва раёсати муассисаи таълимӣ масъул мебошад.

9.Профессор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо, Низомномаҳо ва мактубҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оиннома, фармонҳо, дастурҳои ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ноибони он, декани факултет, мудири кафедра, қарорҳои Шӯрои олимони факултет ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият менамояд.

## 2. Уҳдадориҳои професори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

10. Профессор дар доираи уҳдадориҳои худ:

10.1. Дар коркарди консепсия ва стратегияи рушди таҳсилоти олӣ, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки аз ҷониби кафедра дар зинаҳои бакалавриат ва магистратура татбиқ мешавад, ширкат меварзад.

10.2. Курсҳои лексионӣ, машғулиятҳои амалӣ, семинарҳо, коллоквиумҳо, машваратҳо, санҷишҳо, муҳосибаҳо ва имтиҳонҳо мегузаронад.

10.3. Ба таҷрибаомӯзиҳои донишҷӯён роҳбарӣ мекунад.

10.4. Дар кори комиссияи аттестатсияи давлатии донишҷӯён, қабули имтиҳони дохилшавӣ ба магистратура, докторантура PhD, аспирантура, шӯроҳои ҳимояи рисолаи номзадӣ ширкат меварзад.

10.5. Ба корҳои таҳқиқотии бунёдӣ ва амалии яке аз самтҳои кафедра, корҳои таҳқиқотии омӯзгорони ҷавони кафедра (ассистентон ва муаллимони калон), донишҷӯён ва тайёр намудани ҳисоботу нашри натиҷаҳои таҳқиқот роҳбарӣ мекунад.

10.6. Аз рӯи фанҳои таълимие, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудаанд, барномаи таълимӣ таҳия ва коркард намуда, ҳама гуна машғулиятҳои лексионӣ мегузарад.

10.7. Сифати баргузории ҳама гуна машғулиятҳои дарсиро, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудааст, аз ҷониби омӯзгорони кафедра назорат мекунад.

10.8. Дар корҳои илмию методии кафедра дар ҳайати комиссияи методӣ аз рӯи ихтисосҳо ё шӯрои илмию методии факултет иштирок мекунад.

10.9. Корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯёнро ташкил ва ба он роҳбарӣ намуда, дар кори ҷамъияти илмии донишҷӯён ширкат меварзад ва барои ҷалби донишҷӯён ҷиҳати иштирок дар корҳои таҳқиқотӣ тадбирҳо меандешад.

10.10. Дар такмили ихтисоси ҳайати кормандони кафедра иштирок намуда, ба омӯзгорони ҷавон баҳри ҳосил намудани малакаҳои омӯзгорӣ ва маҳоарти касбӣ кӯмак расонад.

10.11. Корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро вобаста ба фанни таълимие, ки ба уҳдаи ӯ вогузор шудааст, тарҳрезӣ ва иҷрои онро назорат менамояд.

10.12. Қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва зиддисӯхторро риоя менамояд.

10.13. Дар таҳкими пояи моддию техникии кафедра ширкати фаъолона менамояд.

10.14. Дар ташкили чорабиниҳои беруназдудиторӣ, ки дорои характери таълимӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд, ширкат меварзад.

10.15. Дар замири донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавиро ташаккул медиҳад.

10.16. Ба ташаккули шаҳрвандӣ ва касбии шахсияти донишҷӯён мусоидат мекунад.

10.17. Барои такмили ихтисос ва корҳои илмию омӯзгории худ тадбирҳо меандешад.

10.18. Дар муайянсозии самтҳои асосии тайёр намудани мутахассисони ҷавон вобаста ба фаъолияти кафедра саҳм мегузорад.

10.19. Дар татбиқи барномаи ислоҳот ва рушди таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунад.

10.20. Барои баланд бардоштани таълиму тарбия ва рушди низоми тайёр намудани кадрҳои илмии муассисаи таълимӣ ва салоҳиятнокии омӯзгорони кафедра чораҳои мушаххас меандешад.

10.21. Ба кори методии кафедра роҳбарӣ карда, дар маосили такмили воситаҳои моддию техникии таълим ба кормандони кафедра кӯмак мерасонад.

10.22. Дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмию методӣ саҳм мегузорад.

10.23. Дар самти омода кардани мутахассисони илмию омӯзгорӣ (аспирантон ва унвонҷӯён) роҳбарӣ менамояд.

10.24. Вобаста ба самти илмии кафедра курс ва семинарҳои махсус омода карда ба донишҷӯён таълим медиҳад.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои профессори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

11. Профессор дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои худ:

11.1. Ба шӯрои олимони факултет ва муассисаи таълимӣ интихоб шавадл ё интихоб менамояд.

11.2. Дар фаъолияти сохторҳои таркибии муассисаи таълимӣ, ки масъалаҳои вобаста ба фаъолияти кафедра муҳокима ва баррасӣ мешаванд, иштирок менамояд.

11.3. Вобаста ба тағйир ва такмил додани нақшаи кори кафедра, барномаҳои корӣ ва маводи дигари таълимии кафедра ва тасдиқи онҳо ба мудири кафедра пешниҳодҳо манзур месозад.

11.4. Ба муҳокимаи кафедра вобаста ба такмили корҳои таълимӣ, таълимию методӣ, илмию методӣ ва илмию таҳқиқотӣ таклифҳо пешниҳод менамояд.

11.5. Ҳама гуна машғулиятҳои дарсии вобаста ба фанҳои ба уҳдаи ӯ вогузоршударо, ки аз ҷониби омӯзгорони кафедра таълим дода мешавад, назорат карда, вобаста ба зарурат ҷиҳати беҳтар шудани сифати машғулиятҳои дарсӣ таклифҳо манзур месозад.

11.6. Тибқи муқарраароти ҷорӣ ҳайати омӯзгорон, ҳайати кормандони техникию ёрирасон, донишҷӯён, ҳамчунин кормандони кафедраҳои дигарро ба иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷалб менамояд.

11.7. Ба корҳои илмии аспирантон ва унвонҷӯён роҳбарӣ менамояд.

11.8. Ҷиҳати ҳавасмандсозии донишҷӯён ва аспирантон барои комёбиҳо ва иштироки фаъолона дар корҳои илмию таҳқиқотӣ ба мудири кафедра пешниҳод менамояд.

11.9. Усул ва васоити таълимро интихоб ва маводи таълимиро аз рӯи методикаи худ баён мекунад, барои таҳқиқоти илмӣ мавзӯъ ва усули таҳқиқро низ худ интихоб менамояд.

11.10. Ҳайати кормандони техникию ёрирасон, инчунин аспирантону донишҷӯёни кафедраро ба корҳои вобаста ба ташкил ва таъмини раванди таълим, омодасозии фонди аудиторӣ ба соли таҳсил, азнавҷиҳозонидани лабораторияҳои кафедра ҷалб менамояд.

11.11. Аз ҳамагуна хадамоти амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода мекунад.

11.12. Дар муҳокима ва баррасии масъалаҳои марбути муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ширкат меварзад.

11.13. Тибқи қонунҳои амалкунанда ба амру фармоишҳои роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо ариза муроҷиат мекунад.

11.14. Ташхиси корҳои илмӣ ва методӣ (мақолаҳо, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва ғ.). мегузаронад.

11.15. Дар байни кормандони кафедра семинарҳои назариявӣ гузаронад.

11.16. Ба ҳамагуна муассисаҳои таълимӣ кӯмаки илмӣ, методӣ ва амалӣ мерасонад.